# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ – МУҚАДДАСОТИ МИЛЛАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 15-16 (139-140) 24-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2020, СЕШАНБЕ

ДАР ИН ШУМОРА:

КОНСТИТУТСИЯ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН с. 2

ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ – САРЧАШМАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН с. 4

МАВЗӮИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ с. 5

ПАРЧАМ – НАМОДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ с. 8-9

РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ – РӮЗИ МИЛЛАТ с. 11

ЭМОМАЛИ РАХМОН И МИРОВОЕ СООБЩЕСТВО с. 13

ПАРЧАМ – РАМЗИ ПОЙБАРҶОИИ МИЛЛАТИ КУҲАНБУНЁД с. 14-15



Парчам барои мардуми тоҷик рамзи ватандорӣ, сарбаландӣ ва шуҷоату мардонагӣ буда, халқи мо аз замонҳои қадим ба он ҳамчун василаи муттаҳидкунанда арҷ мегузорад.

Ливои зафару нусратҳои мардуми кишварамон ҳамаи моро ба сӯи ояндаи неку дурахшони Ватани азизамон ҳидоят менамояд.

Ойини бостонии парчамдорӣ – аз дирафши ковиёнӣ то парчами имрӯзаи давлатӣ – дар тӯли таърихи дуру дарози тоҷикон имкон фароҳам овард, ки миллати сарбаланди мо тахти ин рамзи ватандорӣ дар муқобили ҳама гуна таҳдидҳо истодагарӣ карда, мероси ғании ниёгон, арзишҳои бостонии миллӣ ва дар маҷмӯъ, ҳастии миллати худро ҳифз намояд.

Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон зери парафшонии Парчами давлати худ барои истиқболи сазовори ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ – сисолагии истиқлоли давлатӣ саъю талош карда, ҳадафҳои бузургу созандаро амалӣ месозанд.

Парчами давлатӣ барои мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳамчун рамзи худшиносиву худогоҳӣ, ватандорӣ, нангу номус ва ваҳдати миллӣ хизмат мекунад ва ба мо дар ҷодаи ободониву созандагии сарзамини аҷдодиамон рӯҳу илҳоми тоза мебахшад.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Насриддинзода Э.С.**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанде, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# КОНСТИТУТСИЯ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Таҳти ин унвон санаи 5 ноябри соли 2020 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба 26-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.

Конференсия бо сухани табрикии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пофессор Раҳмон Д.С. ифтитоҳ гардид. Мавсуф дар аввал ҳозиринро ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикитон табрик намуда, ин санади тақдирсозро яке аз дастовардҳои беназири миллати куҳанбунёди тоҷик дар замони истиқлолият арзёбӣ намуданд. Қайд гардид, ки халқи Тоҷикистон дар замони басо мушкили сиёсӣ бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 6 ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуданд, ки минбаъд заминаи





устуворе барои бунёди давлати соҳибихтиёр, демокративу дунявӣ ва ҳуқуқбунёд гардид.

Сипас, дар идомаи конференсияи мазкур мавзӯъҳои зерин аз ҷониби устодон, аспирантон ва унвонҷӯён мавриди таҳлил ва муҳокима қарор дода шуданд: ташаккулёбии низоми судии ҶТ дар раванди ислоҳоти конститутсионии ҶТ, аҳаммияти Конститутсия дар давлатҳои муосир, масоили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия, Конститутсия - заминаи ташаккули низоми иҷозатномадиҳӣ дар ҶТ, ташаккулёбии мақомоти қонунгузории ҶТ дар партави ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999, 2003 ва 2016 ва ғайра.

Дар фарҷом, маълум гардид, ки иштирокчиён аз чораёни чорабинии мазкур таассуроти мусбат бардошта, баргузории чунин семинарҳои илмӣ-назариявиро иқдоми неке баҳри рушд ва такмили илми олимони ҷавон арзёбӣ намуданд.

**Таҳияи**
**Умед МУРОДЗОДА**

# КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ: 10 СОЛИ АМАЛ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Санаи 16 ноябри соли 2020 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ифтихори таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввари ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 10-соли амал, мушкилот ва дурнамо» баргузор гардид.

Дар кори он роҳбарияти донишгоҳ ва факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандони факултет, ходимони давлатӣ, олимону донишмандони соҳа, судяҳо, прокурорҳо, кормандони мақомоти тафтишоти пешакӣ ва дигар сохторҳои давлатию ҳифзи ҳуқуқи кишвар, аспирантону унвонҷӯён, магистрантон, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва васоити ахбори омма иштирок доштанд.





Зимни ифтитоҳи кори мизи мудаввар декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ба муҳиммият ва аҳаммияти мавзӯи ҳамоиши илмӣ ишора намуда, ҳозиринро аз номи садорати факултет ба ифтихори таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику шодбош гуфтанд. Дар идомаи суханронии хеш мавсуф афзуданд, ки Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи садоқату вафодорӣ ба Президент, Ватани маҳбуб, миллати сарбаланду фарҳангсолори тоҷик ба ҳисоб рафта, омили муҳимми иттиҳод, сарҷамъӣ ва ягонагии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Сипас, аз рӯйи барномаи мизи мудаввар маърӯзаҳои илмии иштирокчиён шунида шуданд. Маърӯзачиён зимни баромад дар хусуси аҳаммият ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рамзи давлат, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, кафили риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи якпорчагӣ ва истиқлолияти сиёсӣ, инчунин муҳимтарин масъалаҳо оид ба вазъи кунунӣ, мушкилот ва дурнамои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози назар намуданд.

**Таҳияи**
**Парвиз АБДУЛЛОЗОДА**



# РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ

Таърихи 16 ноябри соли равон дар саросари кишвар Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ таҷлил гардида ва ба муносибати ин санаи муҳим ва тақдирсоз дар тамоми гӯшаву канори кишвар чорабиниҳои гуногуни илмиву фарҳангӣ баргузор гардиданд. Вобаста ба ин, дар факултети ҳуқуқшиносӣ низ конференсияҳову семинарҳои илмӣ дар доираи қоидаҳои бехдоштӣ гузаронида шуд. Ҳамчунин, сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар соатҳои тарбиявӣ доир ба ин рӯйдоди таърихӣ бо донишҷӯён машғулиятҳо гузарониданд. Дар раванди машғулиятҳои тарбиявӣ масъалаҳои мухталиф, аз қабили зарурати таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди давлатдории миллӣ, Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ ва оғози давлатсозии навин ва дигар мавзӯъҳои рӯзмара мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

# ФАРХУНДА БОД!

Тавре маълум аст санаи 11 октябри соли 2020 дар саросари кишвари маҳбубамон интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Барои баргузорӣ ва гузаронидани он як қатор омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳайси коршинос ҷалб гардида, ҷиҳати дар сатҳи баланд ва ошкорову шаффоф гузаронидани ин чорабинии муҳимми сиёсӣ дар ҳамкорӣ бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши арзишманд гузоштанд.

Аз ин рӯ, санаи 16 ноябри соли 2020 аз ҷониби Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Худоёрзода Б.Т. ва ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳтарам Хушвахтзода Қ.Х. ба устодони ин боргоҳи илму маърифат ифтихорномаву сипосномаҳо барои нақши назаррас доштан дар интихобот ва ба тарзи демокративу шаффоф гузаронидани он, ки кафолатиояндаи дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, тақдим гардид.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи муқаддас эшонро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба онҳо тансиҳативу хонаободӣ ва рузгори хушу осударо таманно менамоянд.

**24 НОЯБРИ СОЛИ 1992 ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**



# АККРЕДИТАТСИЯ



Бо мақсади муайян намудани сатҳу сифати таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таърихи 11 ноябри соли 2020 як гурӯҳ аз коршиноси байналмилалӣ баҳри аз аккредитатсия гузаронидани донишгоҳ озими он гардиданд. Дар ин раванд, вохӯрии гурӯҳи корӣ бо раёсати донишгоҳ, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултетҳои донишгоҳ, аз ҷумла вохӯрӣ бо донишҷӯёни хориҷӣ, ки дар ДМТ таҳсил менамоянд, сурат гирифт.

Таърихи 11-уми ноябри соли равон намояндагони комиссияи мазкур ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ташриф оварда, оид ба раванди таълим, тарбия, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҳамкориҳои берунаи факултет бо садорати факултети ҳуқуқшиносӣ суҳбат анҷом доданд. Меҳмонон аз раванди таълиму тарбия ва сатҳи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ баҳои баланд доданд.

Ёдовар мешавем, ки аккредитатсия як навъ санҷиш буда, дар муддати 5-6 сол як маротиба анҷом дода мешавад ва дар сурати гузаштани муассисаи олӣ аз аккредитатсия ба он сертификат дода шуда, мартабаи донишгоҳ дар арсаи байналмилалӣ баланд меравад.



# МУКОФОТ МУБОРАК!



Ба муносибати 29-умин солгарди Истиқлолияти давлатии ҶТ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии кормандони соҳаи илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон» як қатор фаъолони соҳаҳои мазкур бо мукофотҳои давлатӣ сазовор гардонида шуданд.

28 август Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри миллат ба гурӯҳе аз тақдиршудагон мукофотҳои давлатиро шахсан супориданд.

Санаи 4 сентябр бошад, дар маҷлисгоҳи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо иштироки Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдуҷаббор Раҳмонзода ба иддае аз кормандони дигар, ки дар муассисаҳои гуногуни давлатӣ кору фаъолият мекунанд, мукофотҳои давлатӣ тақдим карда шуданд.

Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника ба устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, академик Маҳкам Маҳмудзода ва узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҳмад Раҳимзода супорида шуд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи муқаддас Маҳкам Маҳмудзода ва Маҳмад Раҳимзодаро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба онҳо тансиҳативу хушрӯзӣ, саодатмандию пирӯзӣ, бурдбориҳои беназирро дар ҷодаи илм ва ба хотири пешрафти Ватани азизамон таманно доранд.

**Таҳияи
Азимҷон ҶУРАЕВ**



# ПРОБЛЕМАҲОИ МУБРАМИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ



Санаи 23 ноябри соли 2020 дар заминаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат семинари ҷумҳуриявии илмию назариявии устодони кафедра дар мавзӯи «Проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии ҶТ баргузор гардид.

Семинари илмию назариявиро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ифтитоҳ намуда, қайд намуданд, ки воқеан Парчами давлатӣ симои миллат ва муаррифгари мамлакат буда, парафшонии он нишоне аз оияндаи дурахшон ва бақову ҳастии ҳар як кишвар аст.

Баъдан, аз рӯи барномаи омодагардида устодон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрони кафедра вобаста ба рӯзи Парчами давлатии ҶТ ва дигар мавзӯъҳои гуногуни рӯзмараи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҶТ андешаҳои худро иброз доштанд.

Дар фарҷом иштирокчиён аз ҷараёни ҷорабинии мазкур таассуроти мусбат бардошта, баргузории чунин семинарҳои илмию назариявиро иқдоми неке баҳри рушд ва такмили илми ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ намуданд.

**Таҳияи
Миралӣ СОБИРОВ**



# ДАРСИ ИНТЕРАКТИВӢ

Ҳамасола, 7 ноябр рӯзи таваллуди муттафакири тоҷику форс Абдураҳмони Ҷомӣ дар саросари мамлакат ҷашн гирифта мешавад. Устодони факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсентон Азизкулова Г.С. ва Давлатзода Ш. усулҳои нави таълимиро ба роҳ монда, дар байни донишҷӯёни курси 4-уми гуруҳҳои русӣ ва тоҷикӣ мубоҳиса(дебат)-и илмиро оид ба афкори сиёсӣ-ҳуқуқии Абдураҳмони Ҷомӣ ба роҳ монданд. Мубоҳисаи илмии гузаронидашуда аз чунин қисматҳо иборат буд: ҳаёт ва фаъолияти Абдураҳмони Ҷомӣ, андешаҳои Ҷомӣ оид ба ахлоқ ва адолат, андешаҳо оид ба давлат ва ҳалқ, андешаҳо оид ба ҳуқуқ ва шинохти сарвари давлат. Воқеан, ба таври интерактивӣ баргузор намудани дарсҳо ба зеҳну фаҳмиши донишҷӯён таъсири мусбат расонида, барои инкишофи донишҳои онҳо мусоидат менамояд.

**11 ДЕКАБРИ СОЛИ 1993 ПАРЧАМИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**



# ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ – САРЧАШМАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

## САРМАНШАИ СУЛҲ ДАР ҲАР ЯК ХОНА

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан падидаи муҳимтарини таърихи навини кишвар аст. Зеро он боиси оғози ба эътидол овардани раванди сиёсӣ, барқарории сулҳу субот, таъмини амният ва муайян намудани дигар самтҳои инкишофи стратегии мамлакат гардид. Чи гунае ки Пешвои муаззами миллат дар аввалин суханрониҳои худ дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам содиқатмандона меҳнат мекунам». Иҷлосия қори худро аз барқарорнамоии сулҳ оғоз намуд. Ибрози андешаҳои созанда ва сулҳовари Пешвои миллат дар аввалин қадамҳои давлатдории худ заминаи таҳкими Иҷлосияи тақдирсоз ва комёбӣ ба сулҳи тоҷикон гардид. Воқеан, дар заминаи гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ мақсадаш бадастоварии истиқлолияти комил, таъмини сулҳу субот дар ҷомеа ва барқарор кардани ҳукумати конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт.

Воқеаҳои бавуҷудомадаи солҳои 90-ум дар ҷомеа раванди тезонидани барқароркунии ҳокимияти конститутсиониро боз ҳам мубрамтар гардонид, ки имконияти эътироф гардидани он аз ҷониби ҳарду тараф ҷой дошт. Инро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳояшон чунин иброз карда буданд: «Дар он вазъияти мураккабу хавфноки соли 1992 ягона умеди наҷотдиҳанда ...

ягона умеди баровардани кишвар аз гирдоби ҷанги дохилӣ ва пешгирии хунрезӣ ба таъҷилан даъват намудани иҷлосияи Шӯрои Олии Тоҷикистон вобаста буд. Зеро дар он лаҳза Шӯрои Олӣ ягона мақоми сиёсии босалоҳият ва дорои ваколати конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт». Дар воқеъ, мардуми Тоҷикистон ба ин иҷлосия бо дидгоҳи созанда нигариста, тақдири минбаъдаи худро аз пайомади неки он медонистанд.

## ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ

Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ин 9 ноябри соли 1992 дар хусуси 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд даъват намудани Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) қарор ба тавсиб расонид.

Иҷлосияи мазкур дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 баргузор гардид. Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ воқеан тақдирсоз буд, чунки барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлолияти миллӣ, таъйин намудани самти ҷараёни инкишофи ҷомеа дар солҳои баъдӣ ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ ба вуҷуд овард.

## ДАР САРЗАМИНИ ТОҶИКИСТОН БОЯД СУЛҲ ТАНТАНА КУНАД!

Бо овардани якчанд воқеияту далелҳо аз раванди Иҷлосияи XVI-



**Далер ҚОДИРЗОДА**
**декани факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ, н.и.ҳ., дотсент**

уми Шӯрои Олии ҶТ мо мехоҳем мубрамияти ин иҷлосияро, ки дар худ хосияти сулҳофарӣ, тақдирсозӣ, бунёдкорӣ, эҳёи идеяи миллӣ, сатҳи худшиносӣ, асолати ватандорӣ, ифтихори миллӣ ва сарофозии ҳама муносибатҳои минбаъдаи ҷамъиятӣ буданро асоснок намоем:

**- Раванди бавуҷудомадаи мушкилотҳои онвақтаи кишвар, ки мамонияти зиёди иртиботиро ба вуҷуд оварда буд, натавонист садди роҳи иштироки вакилон дар иҷлосия гардад.**

Зимни ҳамин гуфтаҳо дар қори Иҷлосия аз шумораи умумии 230 нафар вакил, 197 нафарашон иштирок доштанд, ин аз он шаҳодат медод, ки аллакай ҳамагон умеди нек ба қори ин иҷлосия баста буданд;

**- Воқеаи муҳимми дигаре, ки дар Иҷлосия шуда гузашт, ин ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон мебошад.**

Аз 197 нафар вакил, 186 нафар номзадии Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуданд;

**- Қори Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ тахти раёсати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон куллан ранги дигар гирифт.**

Дар суханронии аввалини худ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфта буданд: "Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам";

**- Масъалаи мубраме, ки ба миён гузоштани он дар қори Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ саривақтӣ буд, ин ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти сиёсии кишвар ва заминаи ҳуқуқӣ гузоштан зарурати қабули як қатор қонуну қарорҳоро ба миён овард, ки дар натиҷа зиёда аз 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла, 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул карда шуд.**

Санадҳои мазкур асоси ба тавври муътадил фаъолият кардани аксар аркони давлатдорӣ заминаҳои дахлдор ва устувори ҳуқуқии ин ниҳодҳои давлатӣ гардиданд;

**- Санади меъёрии ҳуқуқии муҳимме, ки дар натиҷаи қори Иҷлосияи қабул гардид, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» буд.**

Зеро маҳз қабули ҳамин Қонун сабаби асосии ба даст овардани иродаи мардум нисбат ба таъмини сулҳ ва ташкили ҳукумати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Дар баробари қабули ин санади ҳуқуқӣ, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду санади муҳим – «Муроҷиатнома ба ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо, созмонҳо ва меҳнаткашони ҷумҳурӣ» ва «Изҳороти Шӯрои Олӣ»-ро, ки хислати сиёсӣ доштанд, қабул намуд. Дар заминаи ин санадҳо дар муддати ҳафт сол, яъне аз соли 1993 то соли 2000 дар маҷмӯъ, 950 хазору 599 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи вазъи сиёсӣ ва ҷамъиятии бавуҷудомада, маҳалли истиқомати доимии худро тарк карда буданд, ба Ватан баргардонида шуданд.

Ҳамин тавр, бо боварии комил метавон қайд намуд, ки дар воқеъ Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ дар мавриди масъалаҳои асосии инкишофи кишвар қарорҳои судманд ва дурусте қабул намуда, асоси воқеии сулҳофар, тақдирсоз, бунёдкор, эҳёгари идеаи миллӣ ва сатҳи худшиносӣ, заминаи асолати ватандорӣ ва ифтихори миллӣ, инчунин сарофозии ҳамаи муносибатҳои минбаъдаи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

# МАВЗӮИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

## (ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАТБИҚИ МУҚАРРАРОТИ ҚИСМИ 5 МОДДАИ 1 КОДЕКСИ ГРАЖДАНӢ)



Фирӯз СУЛАЙМОНОВ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

**Ҳуқуқи гражданнии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки бахри танзими муносибатҳои молу мулкӣ ва ғайри молу мулкие, ки дар баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молу мулкии иштирокчиёнаш асос ёфтаанд, равона карда шудааст.**

Аз таърифи овардашудаи ҳуқуқи гражданнии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҳуқуқи гражданӣ) чунин хусусиятҳои он бармеоянд:

а) ҳуқуқи гражданӣ ба сифати соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф карда мешавад. Пас, ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқи гражданӣ дорои предмет ва методи мушаххаси худ буда, он аз предмет ва методи дигар соҳаҳои ҳуқуқ фарқ менамояд. Инчунин, ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқи гражданӣ ба сифати соҳаи комплексии ҳуқуқ низ баромад накарда, ба сифати соҳаи мустақил дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҷойи махсуси худ мебошад;

б) ҳуқуқи гражданӣ дорои предмети танзими худ мебошад. Предмети танзими ҳуқуқи гражданиро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил менамоянд, ки ба онҳо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ (меъёрҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ) равона карда шудаанд. Ба сифати чунин муносибатҳо мутобиқи моддаи 1-и Кодекси гражданнии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои зерин баромад менамоянд: муносибатҳои молу мулкӣ ва муносибатҳои ғайри молу мулкӣ (бо молу мулк алоқаманд буда ва алоқаманд набуда).

Ба сифати муносибатҳои молу мулкӣ он муносибатҳое эътироф карда мешавад, ки объекти онҳо молу мулк мебошанд. Бо ибораи дигар, тамоми он муносибатҳое, ки объекти онҳо дорои арзиши муайян мебошанд, ба сифати муносибатҳои молу мулкӣ эътироф карда мешаванд. Бояд таъкид намуд, ки дар муносибатҳои молу мулкӣ шарт нест, ки ҳатман арзиши объекти онҳо бо воситаи пул ифода карда шаванд. Зеро, як қатор муносибатҳои молу мулкие хастанд, ки дар онҳо ба сифати муайян намудани арзиши объект пул баромад намекунад, балки дигар молу мулк низ баромад менамоянд. Масалан, шартномаи мубодила, ки дар он як тараф бар ивази як ашё дигар ашёро пешниҳод менамояд. Дар ин ҳолат, ин ашёҳо, чун қоидаи умумӣ, баробарарзиш эътироф карда мешаванд.

Баръакси муносибатҳои молу мулкӣ, муносибатҳои ғайри молу мулкӣ муносибатҳое эътироф карда мешаванд, ки объекти онҳо дорои ягон арзиши пулӣ нестанд. Сабаби чунин хусусияти ин объектон дар он мебошанд, ки онҳо ба сифати объектони бегонанашаванда баромад намуда, бинобар сабаби ғайриимкон будани муомилоти гражданӣ-ҳуқукии онҳо, зарурати арзишманд эътироф намудани онҳо, яъне тариқи пулӣ ифода намудани онҳо, аз байн меравад. Барои ҳамин ҳам, ин объектон ба сифати объекти ҳуқуқҳои гражданӣ (дар маънои субъективӣ) боқӣ монда, ба сифати объекти муомилоти гражданӣ эътироф карда намешаванд.

Дар ин асно, саволе ба миён меояд, ки агар чунин бошад, яъне агар ин объектон дорои арзиши иктисодӣ (пулӣ) набуда, дар муомилоти гражданӣ-ҳуқуқӣ ширкат наварзанд, пас барои чӣ ин муносибатҳо предмети танзими ҳуқуқи гражданиро ташкил менамоянд? Дар ҳақиқат ҳам чунин савол бомаврид мебошад ва посух ба он бояд чунин бошад: предмети ҳуқуқи гражданӣ дар ду маъно (шартан) фаҳмида мешавад: дар маънои васеъ ва дар маънои маҳдуд. Дар маънои васеъ предмети ҳуқуқи гражданӣ предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ (дар маънои маҳдуд) ва предмети ҳимояи ҳуқуқи гражданиро дар бар мегирад.



Дар маънои маҳдуд бошад, предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ муносибатҳои молу мулкиро, ки мо дар бораи онҳо дар боло сухан рондем, дар бар мегирад. Яъне, ин муносибатҳоро ҳуқуқи гражданӣ бо воситаи меъёрҳои худ танзим мекунад. Маънои «танзим» дар ин асно дар он дарҷ мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ ба иштирокчиёни ин муносибатҳо як қатор ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро пешниҳод менамоянд, ки бо истифода аз онҳо ин иштирокчиён дар муносибати байни худ баромад намуда, манфиати худро қонеъ менамоянд. Инчунин, яке аз хусусиятҳои муносибатҳое, ки предмети танзими (дар маънои маҳдуд) ҳуқуқи гражданиро ташкил менамоянд, ин хусусияти фаъол будани иштирокчиёни онҳо дар равобити байни ҳам, яъне содир намудани ҳаракатҳои гуногун вобаста ба қонеъ намудани манфиати якдигар, дарҷ мегардад. Дигар хусусияти асосии ин муносибатҳо – ин гузариши объектони ҳуқуқҳои гражданӣ аз як субъект ба субъекти дигар мебошад. Пас, дар муносибатҳое, ки онҳоро ҳуқуқи гражданӣ танзим менамояд (предмети танзим дар маънои маҳдуд), гузариши (мубодилаи) объектони ҳуқуқи гражданӣ аз як субъект ба субъекти дигар ҷой дорад.

Дар фарқият аз ин муносибатҳо, муносибатҳои ғайри молу мулкӣ, бинобар сабаби ба сифати объекти худ қарор додани неъматҳо ва ҳуқуқҳои бегонанашаванда, ки дорои арзиши пулӣ нестанд, предмети ҳимояи ҳуқуқи гражданиро ташкил менамоянд. Вобаста ба ин, предмети ҳимояи ҳуқуқи гражданӣ ин муносибатҳои ғайри молу мулкие мебошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ онҳоро танзим накарда, танҳо ҳимоя менамоянд. Ин суханҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳуқуқи гражданӣ ин муносибатҳоро ҳимоя намуда, ба чараёни амалишавии ҳуқуқҳои ғайри молу мулкии субъектон таъсир нарасонида, ҳангоми вайрон шудани онҳо, чораҳои таъсиррасонии худро татбиқ менамояд. Инчунин, бо фарқияти аз муносибатҳои молу мулкӣ, дар муносибатҳои ғайри молу мулкӣ гузариши (мубодилаи) объектони ҳуқуқи гражданӣ аз як субъект ба субъекти дигар ҷой надорад.

Бо ин назардошт, бояд қайд намуд, ки предмети танзими ҳуқуқи гражданиро (дар маънои маҳдуд) маҳз муносибатҳои молу мулкие ташкил менамоянд, ки дар онҳо гузариши (мубодилаи) объектони ҳуқуқҳои гражданӣ ҷой доранд. Дар ҳолати ҷой надоштани гузариши объектони ҳуқуқҳои гражданӣ ин муносибатҳо (муносибатҳои ғайри молу мулкӣ) ба сифати предмети ҳимояи ҳуқуқи гражданӣ, ки қисмати таркибии предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ дар маънои васеъро ташкил медиҳад, эътироф карда мешаванд. Маҳз бо ин назардошт бояд муқаррароти қисми 5-и моддаи 1 Кодекси гражданнии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида шавад, ки дар он сухан дар бораи танзими муносибатҳои марбут ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои бегонанашавандаи инсон ва дигар неъматҳои ғайри моддӣ (муносибатҳои шахсии ғайри молу мулкие, ки бо муносибатҳои молу мулкӣ алоқаманд нестанд) меравад.

Пас, дар муқаррароти ин меъёр сухан дар бораи предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ дар маънои васеъ дарҷ гардида, ин муносибатҳо предмети танзими ҳуқуқи гражданиро дар маънои маҳдуд ташкил наменамоянд.

**27 СЕНТЯБРИ СОЛИ 1949 ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**

№15-16 (139-140)
-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2020

Адолат дар баробарии инсонҳо ифода меёбад
Пифагор

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС






# АҲАММИЯТИ ТАЪРИХИИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ

**Шарифбек ШАРИФЗОДА**
**унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

**Таърихи бою гузаштаи кишвари маҳбубамон воқеаҳои сиёсии бузургеро аз сар гузаронидааст, ки ҳар кадоми он дар марҳилаи худ нақши махсусро ишғол намудааст. Дар таърихи навин баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз нигоҳи мо, волотарин дастовардамон соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст.**

Бояд тазаккур намуд, ки Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми тоҷик ба осонӣ ба даст наомадааст. Бо таъсири қувваҳои бадхоҳи дохилию хориҷӣ, кишварамон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он боиси қурбониҳои азими ҷонӣ, талафот ва хисороти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гашта, пояҳо, рукнҳо ва асосҳои давлатдорӣ фалаҷ гардида, қонунвайронкунӣ ва бесарусомониҳоро дар мамлакат ба вуҷуд овард.

Дар чунин шароити душвор ягона ҳокимияти давлатӣ, ки масъулияти бузург ва беназири давлатдории хешро ба воситаи вакилони халқ баҳри барқарор намудани асосҳои давлатдорӣ ва таъмини қонуният, сулҳ ва ризоияти миллӣ ифода мекард, Шӯрои Олӣ буд.

**16 ноябри соли 1992, ки Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти як қатор омилҳо дар Қасри Арбоб ва бо иштироки вакилони халқ, аъзои Ҳукумат, шахсони номдор, пирони рӯзгордида, олимону адибон, намояндагони ҳизбу созмонҳо, воситаҳои ахбори умум баргузор гардид, ки аз гузашти он 28 сол сипарӣ шуд. Ҳар қадар, ки солҳо мегузаранд ҳамон қадар аҳаммияти таърихии Иҷлосия дар бобати муваффақ шудан ба ризоияти миллӣ, сулҳу ваҳдат, бақои сохти давлатдории тоҷикон ва якпорчагии сарзамини Тоҷикистон рӯз аз рӯз меафзояд.**

Бояд зикр намуд, ки Иҷлосия дар давраи мушкили сиёсӣ бо назардошти ҳадафҳои эъмори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, таъмини ҳарчи зудтари сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон, наҷот додани миллат аз вартаи буҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, нигоҳ доштани якпорчагӣ ва давлати мустақили тоҷикон, барқарор намудани хоҷагии бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгашта ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон даъват шуда буд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ қайд намудаанд, ки «ин Иҷлосия, ки минбаъд дар таърихи навини халқамон бо номи Иҷлосияи тақдирсози шонздаҳум сабт шуд, дар роҳи ба эътидол овардани вазъи ноороми кишвар нақши бузурги таърихӣ бозид ва роҳу сарнавиши минбаъдаи миллати тоҷикро муайян намуд».

Дар нахустин кори Иҷлосия бо Қарори Шӯрои Олии ҶТ раис ва аъзои Котиботи Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 5 нафар интихоб карда шуда, як қатор санадҳо ва қарорҳои муҳим қабул карда шуданд.

Дар воқеъ, гузашти таърих нишон дод, ки қарорҳои Иҷлосия тақдирсоз будаанд, агарчанде на ҳама дар арафаи баргузории ин Иҷлосия саҳми таърихии онро пурра дарк намуда буданд.

Рӯзи 19 ноябри соли 1992 дар маҷлис суханронии Раиси Комиҷроияи вилояти Кӯлоб, вакили халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо диққат шунида шуда, бо гармӣ истиқбол гардид, зеро вазъи бааmаломадаи ҷумҳурӣ воқеъбинона ва бо дарки масъулияти баланд тавсиф гашта, ҳадафи олии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - хотима гузоштан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва таъмини сулҳ дар тамоми қаламрави кишвар муайян карда шуд.

Дар ҳамин рӯз, бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд, ки ҳамзамон Сарвари давлати Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ин қарор дар воқеъ аҳаммияти таърихӣ дошта, ба тақдири минбаъдаи давлатдории тоҷикон нақши бебаҳо гузошт. Шахсе ба ин вазифаи масъулиятнок интихоб гардид, ки дорои иродаи матин ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ барои тақдири минбаъдаи халқи Тоҷикистон буд.

**Иҷлосия рамзҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро аз нав муқаррар кард, ки аз сарнавиштсоз будани ин Иҷлосияи таърихӣ дарак медиҳад. Дар иҷлосия Қонунҳои ҶТ «Дар бораи Парчами давлатии Тоҷикистон», «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуда, ба Конститутсия дар бахши рамзҳои давлатӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.**

Тавре Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд: «Гуворотарин лаҳзаҳо қабули Парчаму Нишони Тоҷикистон буд. Ин лаҳзаҳои таърихӣ ҳеҷ гоҳ аз хотири иштирокдорони Иҷлосия фаромӯш нахоҳад шуд».

Ҳамин тариқ, дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави идоракунии ҳокимияти олии давлатӣ бо сарварии Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт. Дар ҳамон шароити вазнини сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳарбии мамлакат чунин шакли нави идоракунии ҳокимияти давлатӣ зарур буд. Зеро фаъолияти қариб тамоми сохторҳои давлатӣ фалаҷ гашта, вазъи ҷамъиятиву сиёсии бавуҷудомада имкон намедод, ки бо роҳи демократӣ сохторҳои давлатӣ интихоб ва таъсис дода шаванд. Ба таъхир гузоштани ин масъалаи муҳимтарини ҳаёти давлатӣ боиси кашмакашиҳои беҳуда, бозиҳои пасипардагии қувваҳои бадхоҳи миллат, ба вартаи фоҷиаи боз ҳам бештари миллӣ кашида шудани Тоҷикистон мегардид. Дар баробари он сабру тоқати мардум, алалхусус дар ноҳияҳои даргир лабрез шуда буд. Боварии ниҳоии шаҳрвандон ва гурӯҳҳои сулҳхоҳи аҳолии мамлакат ба ин Иҷлосияи таърихӣ нигарон буд.

Аз ин рӯ, дар кори Иҷлосия раисони кумитаҳову комиссияҳои Шӯрои Олӣ, Раиси Шӯрои вазирон ва аъзои Ҳукумат интихоб шуданд. Шакли идораи президентӣ бо сабабҳои маълум боздошта шуда, шакли нави идоракунии ҳокимияти давлатӣ – парламентӣ бо мақсади барқарор намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, баргардонидани гурезаҳо, таъмини шароит барои интихоби Президенти нави Тоҷикистон, эҳёи шакли идораи президентӣ ташкил карда шуданд.

Роҳбари давлат садоқату вофодориро ба Ватану миллати хеш нишон дода, дар нахустин суханронии худ, содиқ буданашонро барои сулҳ, оромӣ ва пешрафту шукуфоии миллати тоҷик баён доштаанд: «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем. Ҳарчӣ аз дастам меояд, дар ин роҳ талош хоҳам кард». Инчунин қайд карда буданд, ки барои ба даст овардани ин мақсадҳо ҳатто омодаанд ҷони худро нисор намоянд.

Боиси ифтихор мебошад, ки маҳз суханрониҳо ва фаъолияти амалии Сарвари давлат дар он давра дар қалби мардуми кишвар ҷои нотакрор ва сазовори худро ишғол карда, яке аз асосҳои дастгирӣ ва боварии халқ ба сиёсати пешгирифтаи роҳбари мамлакат гардиданд. Ин садоқату самимиятро Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни хидматҳояш дар назди халқу Ватан борҳо собит намудааст.

**Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар баробари ифтихор аз ин сулҳе, ки дастоварди бузурги таърихист, ҳамчун сервати муқаддаси миллӣ ҳифз кардани он буда, бо баланд гардидани маърифати ҳуқуқии ҷомеа ва таъмини волоияти қонун музаффариятҳои он устувор мегарданд.**

# ПАРЧАМИ ДАВЛАТ – БАҚОИ МИЛЛАТ



Яке аз рамзҳои муҳимми давлатдорӣ дар масири таърих доштани Парчам ба ҳисоб меравад. Аз замонҳои қадим ҳамчун рамзи ваҳдату ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмиву иттиҳоди халқу миллатҳои сокини ҳар сарзамин ва мубориза онҳо барои озодӣ шинохта мешавад. Аз ин рӯ, нигоҳдории Парчам аҳаммияти хоссе дорад. Ниёгони арҷманди мо ҳазорсолаҳо таҳти Парчами хеш – Дирафши Ковиён саф кашида, ватану миллат, номусу озодӣ, забону фарҳанг ва марзу буми аҷдодиро ҳимоя кардаанд. Ва ин анъанаи давлатдорӣ то ба имрӯз идома дорад. Чуноне ки Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳои худ иброз доштанд, ки мо таҳти ҳамин парчам ба ваҳдати миллӣ расидем. Аслан дар парчами кишвари мо даъват ба иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ҳимояи марзу бум, саъю талош барои эъмори ҷомеаи адолатпарвар ва инсонияту башардӯстии миллати мо таҷассум гардидааст.

Воқеан ҳам, парафшонии парчам дар ҳар гӯшае баёнгари мавҷудияти миллат ва давлат аст. Дар пешгоҳи бинои Созмони Милали Муттаҳид ва бинои дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви онҳо мебошад, парчами мо нурафшонӣ мекунад, ки ин аз ҳастии давлати сохибистиклоли мо шаҳодат медихад.

Дар ҶТ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии алоҳидае ҳастанд, ки таъкид ба эҳтироми Парчами давлатӣ карда, тартиби истифодаи онро мукаррар намудаанд. Барои истифодаи нодурусти Парчам ва беэҳтироми нисбати он ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст.

Бинобар ин, эҳтиром ба ин рамзи муқаддас ин эҳтиром ба ҳастии хеш, эҳтиром ба таърихи пурғановати миллат, ба сарҷамъию муттаҳидии кишвар аст.



**Маҳмадкарим ШАРИПОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

**20 МАЙИ СОЛИ 1794 ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ФАРОНСА ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**



**Тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ воситаи таъмини амалишавӣ ва татбиқи дурусти ҳуқуқ, омили бартараф намудани ихтилофоти ҳуқуқӣ, воситаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, зинаи ҳатмии ҷараёни амалишавии нишондоди ҳуқуқӣ мебошад.**

# ТАФСИРИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ – ОМИЛИ ТАТБИҚИ САМАРАНОК ВА ФАҲМИШИ ВОҚЕИИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚ

**Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА**
**магистри соли 1**

Тафсири ҳуқуқ аз калимаи лотинии “interpretatio” маншаъ гирифта, раванди зеҳние мебошад, ки ба муайян кардани маънаю мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи худи тафсиргар (фаҳмондадиҳӣ) ва дуюм, ба маълумоти шахсони манфиатдор расонидани он (шарҳу тавсиф намудан) равона карда шудааст. Тафсири ҳуқуқ ин натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон мебошад, ки ба муайян кардани мазмуну моҳияти воқеии меъёри ҳуқуқ равона гардида, барои дуруст татбиқ намудан ва амалишавии самараноки он мусоидат менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ тафсири ҳуқуқро ҳамчун фаъолияти ақлонаи субъектони ҳуқуқ, ки аз муайянсозии маънии муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ ва шарҳи онҳо иборат буда, бо мақсади таъмини амалишавии ҳуқуқ сурат мегирад, шарҳ медиҳанд.

**Тафсири ҳуқуқ бо тарз (забонӣ, мантиқӣ, низомнок, таърихӣ ва ғайра) ва намудҳои хос (легалӣ, аутентикӣ, меъёрӣ, судӣ, доктриналӣ ва ғайра) анҷом дода мешавад.**

## ЗАРУРИЯТИ ТАФСИРИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Зарурияти тафсир аз омилҳои муайян, ба монанди мураккабии истилоҳоти дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда, оммафаҳм набудани меъёрҳои қонун, номутобиқати сатҳи оммавияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобаста аст. Ҳамзамон зарурати тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз риояи талаботи техникаи қонунгузорӣ бармеояд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки таҳия ва қабул мегарданд бояд бо дарназардошти риояи талаботи техникаи ҳуқуқӣ, ки дар қонунгузорӣ муайян шудаанд, қабул карда шаванд.

Дар кишвар раванди тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳолати хуб қарор дорад ва аксарият санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки қабул карда мешаванд, бо дарназардошти зарурият тафсир карда мешаванд. Тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар кишвар бештар аз тарафи мақомоти алоҳидаи давлатӣ вобаста ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба самти фаъолияти он тааллуқдошта, мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва дигар касбу кор анҷом дода мешаванд.



## СИФАТНОКӢ ВА МУКАММАЛИИ ТАФСИРИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Қайд кардан бамаврид аст, ки зимни тафсир намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пеш аз ҳама, диққати аввалиндараҷа ба сифатнокӣ ва мукаммалии он дода шавад, чунки танҳо тафсири босифату мукаммал ба таъмини амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Баъзан тафсирҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки омода ва нашр гардиданду хусусияти илмӣ доранд, танҳо бо истифодаи аз санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии ба он алоқаманд анҷом дода шудаанд, ки чунин тафсирҳо мукаммалу босифат ба ҳисоб намераванд ва танҳо онҳо як ҷиҳати мусбӣ доранд, ки ба хонанда имконият медиҳанд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба меъёри тафсиршавандаро омӯзад. Чунин тафсирҳо ба маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муайян шабоҳат доранд, яъне танҳо дар соҳаи муайян санадҳои меъёрии дахлдор гирд оварда мешаванд, ки тафсирҳо аз маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танҳо бо сохтор ва тарзи ҷобаҷогузории меъёрҳо тафовут дорад. Субъектони тафсири ҳуқуқ бояд аз таҳияи чунин тафсирҳо худдорӣ намуда, тафсири мукаммали санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки ба истифода, риоя ва татбиқи дурусти ҳуқуқ имконият фароҳам меоварад, ба роҳ монанд. Дар баробари ин, баъзе тафсирҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо истифодаи истилоҳоту ифодаҳое таҳия карда мешаванд, ки дарки онҳо мушкил мебошад, чунин тафсирҳо бар ивази шарҳу тавзеҳ додани меъёри тафсиршаванда зарурати тафсири дубораро талаб менамоянд. Ба чунин тафсирҳо аввалан, зарурият нест, дуввуман, ба талаботҳо, мақсад ва вазифаҳои тафсири ҳуқуқ ҷавобгӯ нестанд.

**Тафсир бояд ба ибораву ифодаҳои содда, равону фаҳмо ва оммафаҳм омода карда шавад. Тафсир на дар асоси ба инобат гирифтани шуур, ҷаҳонбинӣ, маърифати мутахассисони соҳавӣ, балки бояд бо дарназардошти фарҳангу маърифати ҳуқуқии аҳолӣ таҳия карда шавад.**

**Дар баробари истифода аз тарзҳо ва намудҳои хоси тафсир ҳангоми тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ субъекти тафсир бояд ба як қаттор масъалаҳо диққати аввалиндараҷа диҳад. Ҳангоми тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ субъект бояд чунин паҳлуҳои меъёри тафсиршавандаро шарҳ диҳад:**

- **мазмуни меъёри тафсиршаванда дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;**
- **моҳияти меъёри тафсиршаванда бо назардошти илмҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ;**
- **ҳолатҳои истифода ва татбиқи меъёри ҳуқуқ;**
- **амалияи тадбиқи меъёри ҳуқуқ.**

Дар баробари ин, субъектони тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд зимни тафсир аз таҷрибаи қонунгузории мамлкатҳои хориҷӣ васеъ истифода намоянд. Истифодаи таҷрибаи қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ ҳангоми тафсири санади меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади мукаммал намуди он мақсаднок мебошад. Омӯзиш ва таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ бо қонунгузории миллӣ имкони медиҳад, ки қонунгузории кишвар такмил дода шуда, меъёру қоидаҳое, ки ба шароити объективӣ ва хусусиятҳои миллии кишвар мувофиқ мебошанд, дар қонунгузорӣ ворид карда шаванд.

## ТАФСИРИ ҲУҚУҚ ХУСУСИЯТИ РАСМӢ ВА ҒАЙРИРАСМӢ (ИЛМӢ) ДОШТА МЕТАВОНАД

Тафсири расмӣ дар шакли тафсири легалӣ, аутентикӣ (муаллифӣ), меъёрӣ ва судӣ ҷой дорад. Тафсири илмӣ бошад, дар шаклҳои тафсири доктриналӣ, касбӣ, оддӣ амалӣ карда мешавад. Дар кишвар тафсири расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ то ҳол ҷой надорад. Кулли санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки то имрӯз дар шакли пурра тафсир карда шудаанд, хусусияти илмӣ дошта, расмӣ намебошанд. Бинобар ин зарур мебошад, ки тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси мазмуну моҳияти воқеии онҳо ба роҳ монда шавад.

## ТАФСИРИ ИБТИДОИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи мазкур ин тафсири ибтидоии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Тафсири ибтидоии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки санади меъёрии ҳуқуқие, ки таҳия карда мешавад, аз тарафи мақом ва ё шахсони масъуле, ки лоиҳаи онро таҳия намудааст, тафсир карда мешавад. Тибқи моддаи 59 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30 майи соли 2017, №1414 бо қарори мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ё мақомоти дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ барои таҳия ё такмили лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ мумкин аст аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои дигар ва олимони алоҳида гурӯҳи корӣ таъсис дода шавад. Барои таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида гурӯҳи корӣ ташкил карда мешавад, ки оид ба ҳар як банд, қисм ва меъёри алоҳидаи он муҳокимаронӣ карда мешавад ва он ҳаматарафа мавриди омузишу таҳқиқ қарор гирифта, пурра асоснок карда мешавад.

Матни дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда мумкин аст бо мазмуни гуногун шарҳу тавзеҳ дода шавад. Аз ҳамин сабаб дар баъзе соҳаҳои қонунгузорӣ пешбинӣ карда мешавад, ки мазмуни қонун бояд дақиқатан мутобиқи матни он фаҳмида шавад, ки ин меъёрҳо барои ба таври гуногун, духела шарҳ надодани меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд. Дар заминаи ин низ ҳар як меъёру истилоҳоте, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой доранд, аз тарафи мақомоти татбиқи ҳуқуқ, муҳаққиқон ва дигар шахсон мумкин аст, ки ба маънои ҳархела дарк карда шавад. Бо ҳамин назардошт, мазмун ё моҳияти воқеии меъёри ҳуқуқиро шахсе пурраву комил дарк менамояд, ки дар таҳияи он иштирок кардааст ва оид ба он адабиёти илмӣ, таҷрибаи амалӣ, амалияи қонунгузории мамлакатҳои хориҷиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

## ТАФСИРИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ЗАРУР МЕБОШАД

Бояд тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар баъди қабули онҳо аз тарафи шахсони таҳиякунандаи лоиҳаи он тафсир карда шаванд. Чунин таҷриба дар баъзе аз мамлакатҳои хориҷӣ истифода бурда мешавад. Масалан, ҳангоми таҳияи лоиҳаи Кодекси экологии Олмон дар баробари омода ва нашри лоиҳа, ҳамзамон навиштани тафсири он сурат гирифтааст ва он на танҳо тафсири меъёрҳои алоҳидаро дар бар мегирад, ҳамчунин шарҳи сабабҳои ба Лоиҳаи Кодекси экологӣ ворид шудани ин меъёрҳоро фарогир аст. Чунин ба назар мерасад, ки илова ба мундариҷа ва сохтори лоиҳа, мутахассисон на танҳо меъёрҳои ҳуқуқи экологӣ, балки шарҳи мухтасари лоиҳаи қонунро омода намудаанд. Ҳангоми ҷорӣ намудани ин шакли кор ихтилофот, номуайянӣ ва номутобиқатӣ дар қонунгузорӣ бартараф карда мешаванд. Воқеан, чунин шакли кор ба татбиқи самарабахши қонун мусоидат менамояд.

## ТАФСИРИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ЗЕРҚОНУНӢ

Бояд қайд кард, ки дар кишвар танҳо қисмате аз санадҳои қонунгузорӣ тафсир карда шудаанд ва тафсири санадҳои меъёрии зерқонунӣ анҷом дода нашудааст. Санадҳои меъёрии зерқонунӣ низ бо назардошти зарарият, мураккабӣ ва таъмини дурусти амалишавии онҳо бояд тафсир карда шаванд. Тафсири санадҳои меъёрии зерқонунӣ низ дорои аҳаммияти муҳим буда, ба татбиқи дурусти онҳо, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат менамояд.

**23 МАЙИ СОЛИ 1949 ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**

# ПАРЧАМ – НАМОДИ



Азимҷон ҶУРАЕВ
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ

**Парчами давлатӣ барои мо тоҷикон нишонаи бақои давлат ваҳдату ягонагӣ, ҳувияти миллӣ ва беҳтарин василаи тарбияи наврасону ҷавонон дар руҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ҳифзи арзишҳои таъриху фарҳанги халқамон мебошад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**



## ХАЛҚИ ФАРҲАНГСОЛОР

Тоҷикон ҳанӯз аз бомдоди таърих ҳамчун халқи асилу соҳибватан ва ягона халқи ориёинажод дар қаламрави Осиёи Миёна бо тамаддуну фарҳанги баланд зиндагонӣ намуда, дар ҳар заминае ба рушди маънавӣ ва моддии башарият нақши арзандаву боризи худро гузоштанд. Ниёгони мо аз қадим давлатсозу фарҳангсолор буда, арзишҳои давлатдорӣ, соҳибхтиёрӣ ва рамзҳои давлатиро дар баландтарин кохи хушёрӣ нихода, дар ҳар давру замон барои поянда нигоҳ доштани парчами озодӣ гомхои устувор гузоштанд.

## МАЪНОИ ДИРАФШИ КОВИЁН

Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик ҳанӯз дар замони Каёниён соҳиби дирафше буд, ки мавҷудияти давлатро ифода намуда, ҳамчун рамзи давлатдорӣ арзи вуҷуд дошт, ки он – Дирафши Ковиёнӣ буд ва онро Ахтари Ковиёнӣ низ меномиданд. Вожаҳои Дирафш ва Ахтар дар замонҳои пеш ба маънои парчам ва нишон фахмида мешуданд. Ахтар ба маънои ситора, яъне ситораи бахту иқбол, сарнавишту толеъ ва дирафш бошад, ба маънои нур, дурахшидан, рӯшноӣ додан ва ё тобидан омада буд, ки он ҳамчун парчам махсуб меёфт. Ба ин минвол аввалин парчами таърихии тоҷикон «Дирафши Ковиён» ном дошт, ки он ҳамчун рамзи



ваҳдат ва ягонагии давлатдории орийӣ қабул карда мешуд. Дирафши Ковиён то замони сукути давлати Сосониён дирафши миллӣ ва давлатӣ буд. Дар даврони Сосониён шакли он тағйир ёфта, дар қисми болоии он таҷассуми парандаи заррин – мурғи ҳумо ҷой дода мешуд ва дар бахши мураббаи он қиматтарин сангҳо насб мегардиданд. Чунончи, дар асари безаволи Устод Фирдавсӣ «Шоҳнома» омадааст: “Ҳар яке аз паҳлавонони бузурги номвари сарзамини аҷдодони мо дирафши хосси худро доштаанд”. Дирафш аз замонҳои қадим нишона ва рамзи муқаддаси ҳар миллату давлат будааст ва ба хотири ҳифзи он фарзандони бузурги миллат ҷоннисориҳо кардаанд.

Мутаассифона, дар замони мо маълумоту маъхазҳои таърихӣ дар бораи парчамҳои давлатҳои асримиёнагии тоҷикон чун давлати Сомониён вуҷуд надорад.

Асри ХХ барои миллати куҳанбунёд ва тамаддунсози тоҷик асри талошу муборизаҳо барои эҳёи давлати миллӣ ва умуман асри бедории миллат буд. Маҳз дар ин айём ба миллати тоҷик ташкили давлат, қабули рамзҳои давлатӣ, муаррифии як кишвар бо номи миллии тоҷикон – 




Тоҷикистон муяссар гардид.

Ба монанди ном, Парчам ва Нишони давлатӣ дар шинохти ҳар кишвар нақши муҳим дошта, нишондиҳандаи ангезаҳо, ормонҳо, чигунагии нигариши сиёсию фалсафаи миллатҳо ва баёнкунандаи шароити ҷуғрофию фарҳангӣ ва ҳаводиси сарнавиштсоз дар таърихи ҳар як миллат аст.




## 23 ФЕВРАЛИ СОЛИ 1929

Дар замони Шӯравӣ то қабули парчами кунунӣ Тоҷикистон борҳо парчамҳои худро иваз намуд, ки ин ба омилоти таърихиву сиёсии кишвар тавъманд аст. Воқеан ҳам соҳиби парчам будан барои ҳар халқу миллат мояи ифтихор ва шарафмандист. Ҳар давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёр соҳиби парчам ва нишон аст ва маҳз тавассути онҳо арзишҳои миллии худ аз қабили таърих, фарҳанг, забон ва тамаддунашро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамояд.

ҳамчун Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баромад ба ҶШС Тоҷикистон табдил ёфт ва ба ҳайати ИҶШС дохил гардид ва аввалин парчами худро 23 феврали соли 1929 қабул намуд. Бо гузашти 2 соли он, яъне соли 1931 дар замоне, ки Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, зарурат ба иваз намудани парчами он ба миён омад ва дар натиҷа парчам иваз карда шуд. Парчами зикргардида муддати 5 сол, яъне аз соли 1931 то соли 1935 амал намуда, бинобар сабаби номувофиқ буданаш ба талаботи замон боз зарурати қабули парчами нав ба миён омад. Ҳамин тариқ,

## СОЛИ 1931

Шоёни зикр аст, ки Парчами Тоҷикистони Шӯравӣ чандин маротиба мавриди тағйирот қарор гирифта буд, чунки Тоҷикистон дар аввал ҳамчун ҷумҳурии мухтор ва баъдан ҳамчун ҷумҳурии алоҳидаи Шӯравӣ таъсис ёфт.

Аз соли 1924 то соли 1992 бо пешрафту дигаргун шудани вазъияти сиёсии давлат парчамҳои он низ иваз гардид. Баъди оне ки Тоҷикистон

4 июли соли 1935 парчам дигарбора иваз гардид ва дар он номи ҷумҳурӣ бо забони русӣ навишта шуд ва он то соли 1940 амал намуд. Аз соли 1940 то соли 1946 парчам боз иваз карда шуд. Замоне ки соли 1928 алифбои тоҷикӣ аз форсӣ ба лотинӣ табдил ёфт ин ба парчам низ бе асар намонд ва дар он бо ҳарфҳои лотинӣ “RSS Tojikiston” ва русӣ “Таджикская ССР” навишта шуд, ҳамчунин дар болои он нишонаи досу болғаро нигоштанд. Баъди оне ки алифбо аз лотинӣ ба кириллии русӣ иваз гардид парчам боз дигар карда шуд. Яъне дар он номи ҷумҳурӣ бо ҳарфҳои кириллии тоҷикӣ “РСС Тоҷикистон” ва русӣ “Таджикская ССР” навишта шуд ва ин парчам то соли 1953 Тоҷикистонро муаррифгар буд. Аз соли 1953 то соли 1991 парчами Тоҷикистон аз матои росткунҷаи сурх буда, дар он рахи сафед ва сабз тасвир гардида буд, ки рахи сафеди он назар ба рахи сабз як маротиба калонтар буд ва дар болои он нишонаи досу болға гузошта шуда буд. Аз соли 1991 то соли 1992 бошад, Тоҷикистон парчами замони шӯравиашро бо андак тахаввулот, яъне бе нишонаи досу болға истифода мебурд. Моҳияту мақсади парчам ин якдилӣ ватандӯстӣ муттаҳидии мардум баҳри озодӣ ва мустақилият мебошад.

## 4 ИЮЛИ СОЛИ 1935

Парчами давлатии Тоҷикистон аз рангҳои сурх, сафед, сабз ва дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар иборат аст. Ранги сурх – рамзи муборизаву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед – нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз нишонаи сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

**18 ИЮНИ СОЛИ 1946 ПАРЧАМИ ИТАЛИЯ ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**

# ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

## СОЛИ 1940

Парафшонии Парчам нишон аз ҳокимият дар қаламрави муайян, рамзи пирӯзӣ ва муаррифгари миллату давлатҳои алоҳида ба шумор меравад. Маҳз Парчам ва Нишони давлатӣ аст, ки Истиқлоли давлат комил мегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки таърихи 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи давронӣ истиқлолият қабул гардид ва дар моддаи 3-и он рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ муқаррар гардид.

Низомнома дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд ва дар қисми якуми он қайд гардид, ки Парчами давлатии ҶТ рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Пас аз қабули Низомнома 12 майи соли 2007 Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии ҶТ» қабул карда шуд, ки мутобиқи Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқӣ, тартиби омодасозии он, моҳият ва тартиби истифодабарии он муқаррар гардидааст. Ҳамчунин мутобиқи Қонуни болозикр




## СОЛИ 1946

Имрӯз воқеан ҳам боиси сарфарозист, ки кишвари мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аст ва парчами мо дар радифи парчамҳои давлатҳои абарқудрат дар бонуфузтарин созмонҳову ташкилотҳои ҷаҳонӣ парафшон аст ва инро гиромӣ бояд дошт.

эҳтироми хосса нисбати он вазифаи ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад ва дар ҳама ҳолат ба рамзҳои давлатӣ бояд тарзе муносибат намуд, ки беэҳтиромӣ нисбати он зоҳир нагардад, зеро ҳангоми беэҳтиромиву беэътиноӣ ба дигар кирдорҳои ношоям нисбати ин намоди муқаддаси миллат ҷавобгарӣ низ муқаррар гардидааст.

Президенти ҶТ мухтарам



Вобаста ба азизу муътабар будани Парчами давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори андеша намуданд: «Мардуми шарифи кишвар тахти Парчами давлатӣ раванди ободкорӣ ва созандагиро оғоз намуда, то ба имрӯз дар бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат ба пешравиҳои назаррас ноил гардиданд ва ба хотири ҳифзу таҳкими дастовардҳои замони истиқлолият содиқона заҳмат кашида истодаанд».

Ҳамин тариқ, 11 декабри соли 1999 бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориаш ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро пешниҳод намуданд, ки аз ҷониби Маҷлиси Олии ҶТ қабул ва ҷонибдорӣ карда шуд. Мувофиқи ҳамин Қонун дар тақвими сиёсии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон боз як санаи хотирмоне барои ҳамаи тоҷикистониён илова гардид, ки ҳамасола 24-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Парчами давлатии ҶТ чашн гирифта мешавад.

## СОЛИ 1953

Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи муқаддас танҳо дар ҷойҳои махсус, ки қонунгузории ҶТ муқаррар намудааст, афрохта мешавад. Мутобиқи моддаи 5-и Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии ҶТ» парчами давлатӣ дар боло ё пештоқи бино ва ё ба пояи махсус дар ҳавлии қароргоҳи расмии Президенти ҶТ, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Ҳукумати ҶТ, судҳои ҶТ, мақомоти прокуратураи ҶТ, Бонки миллии Тоҷикистон, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти идоракунии давлатии ҶТ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), намояндагиҳои дипломатӣ ва дигар ташкилотҳои ҶТ дар мамлакатҳои хориҷӣ ва



Миралӣ СОБИРОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

## 24 НОЯБР СОЛИ 1992

Ҳамин тариқ, парчам ин нангу номус, ифтихор ва шарафи ҳар як сокини мамлакат ба ҳисоб рафта, симои сиёсии ҳар як давлатро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян ме-



ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин дигар ҷойҳое, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, афрохта мешавад.

намояд. Парчами давлати соҳибистиқлоли мо инъикоскунандаи таъриху фарҳанг ва расму оинҳои деринаи давлатдории миллиамон буда, баёнгари мақсаду мароми сокинони мамлакат мебошад ва ба онҳо дар роҳи бунёди ояндаи дурахшон неруву қудрати созандагӣ мебахшад.

Ин санаи фархундаро ба

## СОЛИ 1991

Ба хотири арҷгузорӣ ба Парчами давлатии ҶТ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон



30 августи соли 2011 дар маркази шаҳри Душанбе Парчами давлатии ҶТ бо баландии 30 метр ва паҳноии 60 метр дар пояи 165 метр, ки яке аз баландтарин Парчам дар ҷаҳон мебошад, парафшон гардид.

ҳама тоҷикони ҷаҳон шодбош мегӯем! Бигзор Парчами миллати тоҷик ҳамчун шуълаи имон ва оташи виҷдони ҳар як фарди миллат то абад парафшон бошад!!!

## ПАРЧАМ – НИШОНЕ АЗ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи Истиқлолияти давлатии ҶТ ба ҳисоб меравад. Парчами давлати соҳибистиқлоли мо инъикоскунандаи таъриху фарҳанг ва расму ойинҳои деринаи давлатдории миллиамон, баёнгари мақсаду мароми сокинони мамлакат буда, ба онҳо дар роҳи бунёди ояндаи дурахшон неруву қудрати созандагӣ мебахшад.

Парчами ҶТ 24 ноябри соли 1992 пазируфта шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади эҳтиром ва қадршиносӣ, инчунин садоқат ба яке аз рамзҳои асосии давлат – Парчами Тоҷикистон, бо фармони худ аз 20 ноябри соли 2009 санаи 24 ноябрро рӯзи Парчами давлатии ҶТ эълон доштанд ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро ба парлумони ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд. Боиси хушҳолист, ки бо қабули Қонуни мазкур ҳар сол 24 ноябр ҳамчун Рӯзи иди Парчами давлатӣ бо ифтихору сарбаландӣ аз давлату давлатдории миллати тамаддунсози худ ҷашн гирифта мешавад.

Ҳамакнун вазъи ҳуқуқӣ, тартиби омодасозӣ, андоза ва корбурди расмии Парчамро Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии ҶТ « аз 12 майи соли 2007, №254 муқаррар мекунад. Парчам рамзи хосаи соҳибистиқлолӣ, ватандорӣ, соҳибдавлатӣ ва ҳастии миллат буда, ҳанӯз аз замонҳои қадим нишони шукуҳу ифтихор ва нангу номус будааст. Ҳар як давлати мустақил дорои парчами миллии худ аст. Парчами ҳар як давлат бо махсусиятҳои худ, ки бо роҳи ифода намудани рангҳо ва дигар ҷузъҳои таркибии парчам муайян карда мешавад, тафовут доранд.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун рамзи ин кишвари соҳибистиқлол дар мамлакат ва дар давлатҳои дунё парафшон буда, аз мавҷудияти давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва озоду ягона дарак медиҳад. Парчамро суханварона сари баланди халқ, шиносномаи он дар арсаи байналмилалӣ меноманд.

Эҳтироми волои Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ, аз он ҷумла, аз ёд донистани Суруди Миллӣ, ифтихори миллии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ҳама ҳолат ба рамзҳои давлатӣ бояд тавре муносибат намуд, ки нисбат ба онҳо беҳурматӣ зоҳир нагардад.



Абдулҳайри ҲАСАН
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

**4 ИЮНИ СОЛИ 1992 ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**



**Умед МУРОДЗОДА**
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи конститутсионӣ

# САРОҒОЗИ ЭЪМОРИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Иҷлосияи шонздаҳуми сарнавиштсоз чун дурдонаи гаронбаҳо ба миён омада, асолати таърихии хешро иҷро намуд. Иҷлосия офаридаи халқ буд, зеро ҳар як фард комилан ба мафҳумҳои сулҳу осоиштагӣ, тинҷию амонӣ расида буданд. Халқи тоҷик бо маърифати баланди хеш, бо пешвоёни дар соҳаи сиёсат обутобёфта тавонистанд нафареро барои Тоҷикистон интихоб намоянд, ки ӯ Эмомалӣ Раҳмон буд ва мақсади аввалини хешро бо як ҷумла иброз дошта буд: «Ман барои Тоҷикистон сулҳ меоварам».

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 сол муқаддам дар қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардида буд, рӯйдоди бузурги таърихие мебошад, ки дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон ва таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи сифатан навро асос гузошта, хатари ҳамчун давлати мустақил барҳам хӯрдани Тоҷикистон ва ҳамчун миллат аз байн рафтани тоҷикони куҳанбунёдро пешгирӣ кард. Ба ёд овардани ин санаи муҳими таърихӣ, ки воқеан оғози аз вартаи ҳалокатбори ҷанги шаҳрвандӣ раҳо ёфтан ва тадриҷан ба остонаи сулҳу ваҳдат, ризоияти миллӣ ва созандагию бунёдкорӣ расидани миллати тоҷик гардид, қарзи инсонии ҳар фарди солимфикри ҷомеа мебошад, зеро маҳз дар ҳамин иҷлосия эъмори давлатдории миллии тоҷикон, тақдири ояндаи давлати миллӣ тарҳрезӣ гардид ва ба сӯи ҳадафҳои бузурги умумимиллӣ – сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ қадамҳои нахустин гузошта шуд.

Хушбахтона, дар ҳамон вазъияти басо сангин дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд моҳи ноябри соли 1992, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раъйи вакилон интихоб гардид ва бо қатъият ба халқи тоҷик чунин изҳор карда буд: «То даме, ки силоҳро нагузорему сулҳу оромиро дар сарзамини худ барқарор насозем ва ба меҳнати созанда шурӯъ накунем, ҳеҷ гуна кӯмаку мусоидати кишварҳои дигар вазъияти моро беҳтар карда наметавонад ва то охирин гурезаҳои иҷбориро ба ватан барнагардонам, худро орому осуда ҳис карда наметавонам ва тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва дар ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизамон садоқатмандона меҳнат мекунам».

Боиси сарфарозии мардуми Тоҷикистон аст, ки тайи 28 сол бо шарофати Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ бо шарафмандӣ, сарбаландӣ ва шоистагӣ роҳ мепаймоянд. Маҳз ҳамин Иҷлосия, ки тақдири халқи тоҷикро муайян намуд, ба сари миллати куҳандиёри тоҷик ҷавонмарди шуҷоъ ва оқилу дурандеш Эмомалӣ Раҳмонро сарвар намуд. Зуҳури Эмомалӣ Раҳмон дурахши истеъдоди нодире буд, ки аз вуҷуди ин мардум, ин марзу бум берун омад ва ҷумлаи фазилатҳояшро дар вусъати ҳадафҳои миллӣ ангезиш дод ва қудрати амал ато намуд.

Ҳамин тавр, хизматҳои шоёни Президети мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро қадр бояд кард, зеро ба ин дарёи сулҳу оромӣ шино кардан, дар ин боғи ваҳдату созандагӣ мева чидан, ба ҳадафҳои миллӣ роҳсипор шудан ва сайр намудан дар гулгаштҳои пешрафту тараққиёт маҳз бо шарофати бевоситаи Пешвои муаззам аст.

# НАҚШ ВА МАВҚЕИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШӮРОИ ОЛӢ

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини миллати тоҷик фазои нави сиёсӣ буда, саҳифаи наверо боз намуд. Маҳз дар Иҷлосияи тақдирсози мазкур муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби намояндагони мардуми кишвар ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ҳамзамон ваколати Сардори давлат ба он кас дода шуд. Сарвари тозаинтихобшуда, ҷавону умедбахш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари иҷлосия ба ҳайси раиси тозаинтихоб баромади худро бо чунин суханҳои арзишманду мондагор оғоз намуд:“Ё ман дар Тоҷикистон сулҳро барқарор мекунам ё дар ин роҳ ҷони худро қурбон месозам”.



**Хуршед КАРИМОВ**
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам, Нишони давлатӣ тасдиқ гардида, ҳукумати қонунӣ таъсис ёфт, ки созмон додани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро мақсади асосии хеш қарор дод.

Ба ин ҷиҳат бояд арҷ гузошт, ки бори аввал дар тӯли зиёда аз 70 соли мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурӣ, нахустин маротиба парчами ин кишвар чун рамзи Истиқлолияти давлатӣ тавзеҳ дода мешавад ва ё аввалин маротиба калимаи «истиқлолият» дар тафсир ва ё шарҳи парчам ворид шуд.

Бо парчами нави давлатӣ орзуҳои нав ва интизориҳои халқи тоҷик ба вуҷуд омад. Мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ интизориҳои тоҷикистониёнро як муддат зери шубҳа бурд, вазъи сиёсии ҷомеа ноором, устувории фаъолияти мақомоту муассисаҳо дуруст ба чашм намерасид, аммо он дуру дароз давом накард, баъди истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ умеди мардум ба давлат ва эътиқоди онҳо ба ояндаи созанда дучанд эҳё шуд.

Иҷлосия барои хотима додан ба ҷанги дохилӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ ва фалаҷшавии асосҳои иқтисодиёти ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои гуногун дар бахшҳои мухталиф, аз ҷумла дар бахши хусусӣ нақши калон гузошт. Чунин сиёсат бо мақсади ба вуҷуд овардани вазъияти ороми сиёсиву иҷтимоии кишвар буд, ки он барои зудтар дастёбӣ ба сулҳи комили миллати соҳибфарҳангу қадимаи тоҷик мусоидат намуд.

Дар Иҷлосия таҳти роҳбарии Пешвои миллат ҳукумате таъсис ёфт, ки тавонист дар як муддати кӯтоҳ оташи ҷанги дохилиро хомӯш намояд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохта, артиши миллӣ ва неруҳои посбони сарҳадро таъсис дода, аксарияти мутлақи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонанд. Хушбахтона, давлат ва миллати мо дар ноороматарин лаҳзаи таърихӣ роҳбари худро пайдо намуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Сарвари давлат дар шароите, ки дар мамлакат вазъи сиёсӣ ноором буд ва касе ҷуръати роҳбарӣ карданро надошт, ба сари қудрат ҳамчун сиёсатмадори ҷавон қадам ниҳод. Ҳамакнун бар арсаи сиёсӣ бо тамоми ҳастӣ, матонат, ҷасорат, дасту дилу нияти пок ворид шуд ва чун як фарзанди фарзонаи миллат дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ тавонист мардуми аз ҷанги шаҳрвандӣ азияткашидаи Тоҷикистонро сарҷамъ намояд.

Воқеан, ин Иҷлосияи таърихӣ барои мардуми тоҷик, тақдирсоз, наҷотбахш ва созанда буд, зеро он миллати тоҷикро аз даҳшати ҷанг наҷот бахшида, тақдири истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ҳаллу фасл намуд ва барои устуворию пойдории ваҳдати миллӣ ва истиқрори сулҳ дар сарзамини таърихиямон шароити мусоид фароҳам овард.



# ПРЕЗИДЕНТ – ҒАМХОРИ ҶАВОНОН

Баробари истиқлолият, халқи моро роҳбареро насиб гашт, ки бо кирдору амалҳои некаш тавонист мардуми парешонро муттаҳид намуда, дар кишвар сулҳу ваҳдатро пойдор намояд. Ин шахсияти беназири миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Маҳз натиҷаи заҳмату талошҳои Пешвои миллат дар тӯли солҳои сипаришуда аст, ки тамоми рукнҳои давлатдорӣ барқарор шуда, сулҳ ва ваҳдати комили миллӣ пойдор, рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ таъмин, худшиносиву худогоҳӣ таҳким, ҳисси ватандӯстии тамоми табақаҳои ҷомеа афзуд.

Яке аз бахшҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат ин дастгирии давлатии ҷавонон дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад. Чунки ӯ пайваста дар бораи инкишофи соҳаи мактабу маориф, илму маърифат, фароҳам овардани шароитҳои мувофиқ барои таҳсилу касбомӯзӣ ва ҳаёти ҷавонон ғамхориҳо зоҳир менамояд. Маҳз тавассути ғамхориҳои доимиву пайгиронаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба ин мақсад шумораи зиёди муассисаҳои оливу миёна, китобхонаву осорхонаҳо, марказҳои варзишиву дилхушӣ сохта шуда, ба ихтиёри ҷавонон пешкаш шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама баромаду суханрониҳояш пайваста таъкид месозад, ки ҷавонон қувваи бузурги созанда ва ояндаи миллату давлат буда, барои онҳо бояд тамоми шароитҳо фароҳам оварда шавад. Аз ин лиҳоз, таъкидҳои падаронаи Сарвари давлатамон ҳар яки моро водор менамояд, ки тибқи дастурҳои Президенти кишвар амал намуда, бо меҳнати ҳалолу созанда, таҳсили аъло, интизоми намунавӣ ба дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, сулҳу ваҳдат, рушди бемайлони тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданиву маърифатӣ ва муҳофизати Ватани азиз саҳм гузорем.



**Мақсудҷон ГУЛОВ**
магистри соли 1

18 НОЯБРИ СОЛИ 1991 ПАРЧАМИ ҶУҲМУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.

# РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ – РӮЗИ МИЛЛАТ



Фарзона АСОЗОДА
магистри соли 1

**Сарзамини куҳанбунёди тоҷикон дар умқи хоки муқаддаси худ хотираҳо дорад, талху хунин, шигифтангез. Ин хок, ин сарзамин ҳазорон сол, гӯё интизор буд, ки кай ба озодӣ мерасад, кай ба эҳёи тоза рӯй меорад.**

Интизори Пешвое буд, ки тавонад ӯро аз гирифториҳо раҳо бахшад, армони дерин, орзуи ширини ӯ ҷомаи амал пӯшад. Оқибат ин миллати соҳибмаърифат, ин миллати хайрхоҳу некуманиш баъд аз садсолаҳо ин озодӣ, ин истиқлолият, ин эҳёи дубораро сазовор гардид. Аммо барои ворид шудан ба дарвозаи тиллоии истиқлолият, миллати моро Пешвое лозим омад, ки имтиҳонҳои бузургу хатарнокеро бигзарад, ки ҷоннисориҳоро тақозо доштанд. Ин ҳамаро дар симои Пешвои воқеӣ – Эмомалӣ Раҳмон ба ӯ тақдим кард.

Оғози воқеии истиқлолият хазинаҳои холиву кишвари торочгардида ва низоъҳои даҳшатбори хунрезе буд, ки ин халқро дар вартаи ҳалокат ва нестӣ қарор медод. Чаро мо имрӯз ситоиш накунем, Пешвои худ, Сарвари худро, он шахсеро, ки тавонист Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат наҷот бидиҳад ва аз ӯ пайравӣ накунем?!

Имрӯз вақте ки дар Душанбеи хурраму обод, ки ба куллӣ симои худро дигаргун намудааст, ҳар бегоҳ дар майдонҳо, гулгашту хиёбонҳои Нишону Парчами миллӣ, Қасри миллат, боғҳои Ирам, Наврӯзгоҳ, Пойтахт, Боғи устод Рӯдакӣ, Боғҳои дӯстии халқҳо ва даҳҳо боғҳои навбунёди дигар хушбахтона қадам задани мардум, хусусан, модарону тифлон, навхонадорону ошиқонро мебинему меболем, **КАМ КАСЕ БА ЁД МЕОРАД, КИ ЗАМОНЕ ДАР КӮЧАҲОИ ДУШАНБЕ НА ТАНҲО БЕГОҲ, БАЛКИ РӮЗОНА ҲАМ ҚАДАМ ЗАДАН ХАТАРНОК БУД**. Бегоҳ кӯчаҳо холӣ буданд ва агар касе бо зарурате мебаромад, кафолати зинда баргаштанаш набуд. Одамон дар қатори навбати нон аз ҳуш мерафтанд. Эй кош, он рӯзгори нангини таърихи мо ба фаромӯшхонаи таърих равад. Мо мебинем, ки ҳар сол, ҳар моҳ, ҳар рӯз ва дар баъзе мавридҳо ҳар соату ҳар нафаси истиқлолияти мо, фаъолияти Пешвои кишвари мо, аз оғози оғоз корномаву зуҳуроту падидаву дастоварди наҷибест, ки наметавон онҳоро нодида гирифт ва ё аз рӯйхат бароварду ихтисор кард. Воқеан, танҳо як инсони худодод ва ниҳоят неруманд метавонад хастанопазирона ҳар лаҳзаву ҳар соат бо камоли хирад, ҷасорат, кордонӣ, бо муҳаббату садоқати бепоён ба Ватанаш ҷоннисорона кор кунад. Ва ин ҳолнома пур аз наҷобатҳову пирӯзиҳост.

**Аз куҷост ин неру, ин шуҷоат ин шарофат, ин муҳаббати хастанопазир?**

Ба гумони ман аз он ҷост, ки дар тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти Пешвои мо бузургтарин, дурахшонтарин, арзишмандтарин ҳадаф – наҷобати як миллати фарҳангиву нексиришту озодаманиш, озодиву истиқлолияти он пайгирӣ мешаванд.

**Аз куҷо мегирад Сарвари кишвари мо ин неруро, ки кам инсони хокӣ ба он қодир аст?**

Ба гумони ман, аз сиришти ватандӯстонаи худ, аз қалбе, ки саршори муҳаббат ба халқу Ватан аст. Чӣ гуна метавон дар як вақт, дар як замон ҳама самтҳо, ҳама соҳаҳо, ҳам мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳам сиёсати берунизу дохилӣ, ҳам масъалаҳои маориф, фарҳанг, илму адаб, ҳам некӯаҳволии халқ, ҳам масъалаи тарбиявии ҷавонон, дастгирӣ аз занон, ҳам муқовимат бо падидаҳои номатлуб, бухронҳои ҷаҳонӣ, фароҳам овардани қонуният, таҳкими сарҳадҳо, ташкили қувваҳои мусаллаҳ, муносибатҳои байналмилалиро дар назар доштаву ҳал намудаву муваффақ гашт? Маҳз хиради зотӣ буд, то дар оғоз ҳадафҳои бузурги кишвари миллии мо муайян карда шаванд, то ҳама нерӯҳои мавҷуда барои фатҳи он равона гарданд. Муҳаббати Пешвои миллат ба сарзамини худ, ба халқи худ самимиву табиист ва аз садоқати баланду бегазанди ӯ ба халқу Ватан бунёд ёфтааст. Вақте ӯ дар бораи Тоҷикистон, дар бораи Ватан, дар бораи халқи куҳанбунёди худ сухан мекунад, нуру рӯшноии ин муҳаббат на танҳо дар симои ӯ ҷилвагар асту вуҷуди ӯро фаро мегирад, балки ин самимият, ин меҳру муҳаббат ба шунаванда, ба мардум мегузарад, ба онҳо нуру бовар ва нерӯ мебахшад. Ин ҳама ҷоннисориҳо, ин ҳама сарсупурдагиҳо, ин ҳама садоқати бепоёни Пешвои миллат намунаи ибрати ҳар фарди равшанзамир, худогоҳ ва ватандӯстдор аст.

**Корномаи амалкарди ин марди хирад дастури боэътимодест барои ҳар ҷавони меҳандӯст ва ҳар нафаре, ки мехоҳад саҳми худро дар пешравии Тоҷикистон гузорад.**

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ПАРЧАМ ДАР ҶАҲОН

**Аввалин маротиба Парчамро ҳарбиён ва шикорчиён истифода мебурданд**

Парчам дар навбати аввал рамз ё нишонаест, ки тибқи қоида аз матоъ тайёр шудааст. Парчамҳои аввалин бисёр оддӣ буданд ва шахсоне, ки аввалин маротиба онро истифода бурдаанд ҳарбиён ва шикорчиёни табақаҳои гуногун буданд. Нақши парчам дар таърихи ибтидоӣ аз он иборат буд, ки он гӯё функсияи намояндагиро иҷро мекард, яъне қабилае бо парчами худ аз дур ба ҷониби қабилаи дигар ҳаракат менамуд ва қабилаи охирин ба ҷанг ё ба имзои ҳусни тафоҳум омодагӣ медид. Нахустин парчамҳое, ки аз ҷониби қабилаҳо истифода мешуданд, аз пӯсти ҳайвонот ё аз пари парандаҳо тайёр карда мешуданд. Масалан, ҷанговарони мисрӣ ба сифати парчам чӯб, ки дар болои он расми ягон паранда ё ҳайвон ва ё дигар намуди предметҳо ҷой медоданд, истифода мекарданд.

**Аввалин парчамҳо дар шакли матоъ аз ҷониби чиниҳо, ҳиндуҳо ва римиҳо офарида шудаанд ва нахустин парчам дар шакли матоъ соли 1100 то замони мо дар Хитой тайёр гардида буд.**

Парчами давлатӣ чи гунае таърихшиносон мегӯянд, ин кашфиёти инсонист. Парчам нишона ва ифтихори ҳар як давлат, бедоркунандаи ҳисси ватандӯстӣ ва мансубият ба миллати муайян аст.

**Ба омӯзиши парчамҳо дар ҷаҳон илми ВЕКСИЛЛОЛОГИЯ машғул аст, ки аз калимаи лотинии “vexillim” гирифта шудааст, яъне дар рими қадим ливоеро меномиданд, ки дар он рақам, ном ва рамзи қисми ҳарбиро тасвир мекарданд.**

Вексиллология илми таърихӣ буда, намудҳои парчамҳо ва шаклҳои онҳо, ҷузъиётҳои онҳо ва дигар аломатҳои парчамҳоро меомӯзад. Омӯзиши системавии парчамҳо баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ замоне, ки давлатҳои зиёд мустақилият ба даст оварданд ва соҳиби парчами худ гардиданд рӯи кор омадааст. Айни ҳол дар илми вексиллология намудҳои парчамҳо чунин таснифбандӣ шудаанд, ба мисли парчами миллӣ, парчами давлатӣ, парчами шаҳрвандӣ, ливоҳо, штандарт, парчамҳои субъектони федератсия дар давлатҳои федеративӣ, парчамҳои мухториятҳои сиёсӣ, ҳамчунин парчамҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо, ҳизбҳо, иттифоқҳо ва дигар ташкилотҳо, парчамҳои флотҳои баҳрии давлати муайян ва ҳоказо.

Ҳар як парчами давлатҳои ҷаҳон таърихи худро дорад. Парчамҳо ё байрақҳои давлатҳои ҷаҳон бо дарозӣ ва паҳноӣ аз ҳам фарқ мекунанд ва дарозӣ ва паҳноии матои парчам тавассути қонунгузории давлатҳо муайян карда мешавад. Ҳар як ранге, ки дар парчами ин ё он давлат қарор дорад маънои худро соҳиб аст.

Парчами давлатӣ дар баробари нишони давлатӣ ва суруди миллии ҳар як давлат яке аз рамзҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад.

**Калимаи парчам аз фожаи нидерландии “vlag” гирифта шудааст, ки матои рости шакли геометрӣ (росткунҷа, чоркунҷа ё секунҷа) доштаро дар назар дорад.**

Парчами аз ҳама қадимтарин дар ҷаҳон парчами Даннеброги шоҳигарии Дания мебошад, ки 15 июни соли 1219 тасдиқ шуда буд ва то имрӯз амал мекунад.

Аммо, аз ҳудуди шаҳри Кирмони Эрони имрӯза соли 1975 парчами қадимтарин ёфт шудааст, ки ин парчам дар ҳазорсолаи сеюми то замони мо, дар ноҳияи қадимаи Шаҳдод, ки номи парчам ҳам ба номи ин ноҳия аст, омода гардида буд. Парчами мазкур андозаи 22:22 см-ро дар бар гирифта, аз хӯлаи металҳои омехта таркиб ёфта, дар он расми шер ва тулӯи офтоб акс ёфтааст, ки яке аз қадимтарин парчам дар таърихи башарият ҳисобида шудааст. Имрӯз ин парчами қадима дар Осорхонаи миллии Эрон воқеъ дар шаҳри Теҳрон ба маърази тамошо гузошта шудааст. Дар Россия аввалин парчам ҳамчун байрақи флоти баҳрӣ соли 1742 дар замони ҳукмронии Пётри 1 омода гардида, парчами далатии Россия соли 1858 бо рангҳои сиёҳ, зард ва сафед тасдиқ гардида буд, ки парчами империяи Россияи подшоҳиро ташкил медод.

Дар ҳақиқат, то замони бавуҷудоии парчам дар шакли имрӯзааш, ки аз матоъ ва аломатҳои бо рангҳои гуногун тасвирёфта иборат аст, ҳамчун рамз ё нишонаи даъват, муттаҳидӣ ва мубориза истифода мешуд ва муносибати одамонро ба ин ё он ҷамъият, масалан ба қабила, сипоҳ, дину ойин ва ғайра ифода мекард.

**Дар баробари ин метавон қайд кард, ки “парчам” истилоҳи суғдӣ (“parcam”) буда, маънои “зулфу кокул” ва ҳамчунин “пӯпаки абрешимӣ, мӯй ё думи ғажгов”-ро дорад, ки бар сари дирафш ё найза мебастанд.**

Куҳантарин парчами халқи соҳибтамаддуни тоҷик бо номи “Дирафши Ковиён” маъруф аст, ки онро “Ахтарони Ковиён” низ ном мебаранд, ки то имрӯз омада нарасидааст. Ин нуктаро Фирдавсии бузургвор дар “Шоҳнома”-и безаволи худ чунин тасвир кардааст:

**Аз он чарм, к-оҳангарон**
**пушти пой**
**Бипӯшанд ҳангоми**
**захми дарой,**
**Ҳамон Кова он бар**
**сари найза кард,**
**Ҳамон гаҳ зи бозор бархост**
**гард...**
**Чу он пӯст бар найза-**
**бар дид кай,**
**Ба некӣ яке ахтар**
**афканд пай.**
**Биёрост онро ба дебои Рум,**
**Зи гавҳар бар ӯ пайкару**
**зар-ш бум.**
**Бизад бар сари хеш**
**чун гирдмоҳ,**
**Яке фоли фаррух пай**
**афканд шоҳ,**
**Фурӯ ҳишт з-ӯ сурху**
**зарду бунафш,**
**Ҳаме хондаш “Ковиёнӣ**
**дурафш”.**

Имрӯз дар олам зиёда аз 230 парчам мавҷуд аст, ки ба сифати парчамҳои куҳантарин дар ҷаҳон парчами Шаҳдоди Эрон, ки дар Осорхонаи миллии Эрон воқеъ дар шаҳри Теҳрон ҷойгир аст, “Дирафши Ковиёна”-и тоҷикон , парчами матоъгинӣ чиниҳо, ки соли 1100 то замони мо офарида шуда буд ва парчами Доннеброги шоҳигарии Дания (соли 1219) эътироф гардидаанд.



Шоҳрух ЗАБИРОВ
донишҷӯи соли 3

**29 ИЮЛИ СОЛИ 1980 ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**

# ПРЕЗИДЕНТ – АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ

**Суруш ШАРИФЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**



16 ноябри соли равон мардуми шарифи Тоҷикистон Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ботантана ҷашн гирифтанд.

Бузургдошти Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маънои дарки аҳамияти калидии ин ниҳоди давлатӣ дар хифзу тараққиёти давлатдории миллӣ, ҷашни кадрдонию сипос ба арзишҳои баланди давлатӣ, миллӣ ва шаҳрвандие мебошад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили конститутсионии он баромад мекунад ва ин рӯзро ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳи ватандӯст, ҳамчун ҷашни хурду калони озоду осудаи Тоҷикистон меҳисобанд.

Эмомалӣ Раҳмон оғӯши Ватану миллат ва дар сояи дуову дастгирии мардум сабзида, ба таври комилан табиӣ мавриди эътирофу эътибори мардуми худ қарор гирифтааст. Ин аст, ки чеҳраи ӯ чеҳраи табиӣ, шахсияти ӯ шахсияти воқеӣ ва хидматҳои ӯ хидматҳои бунёдӣ мебошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, дар таърихи навини Тоҷикистон шахсияте мебошанд, ки на танҳо дар ташаккулу таҳаввули таърихи давлатдории соҳибистиқлоли тоҷик ва хастии имрӯзу фардои Тоҷикистон, балки чиҳати эҳёи падидаҳои неку писандида, арзишҳои волои миллӣ ва фарҳангии ниёгон хизматҳои пурарзиш кардааст. Ҳар нафаре, ки аз сарнавишти печидаи халқи тоҷик вокиф аст, хизматҳои созандаи Сарвари давлатро мебинад ва бо хубӣ эҳсос менамояд, ки бе муболиға, ҳанӯз мо на ҳамаи воқеият ва дурнамои амалҳои ин фарзанди фарзонаи миллат, симои таърихии Пешвои миллатро дарк намудаем.

Истеъдоди фавқулодаи давлатдорӣ, маҳорати камназири сиёсатмадорӣ ва чидду чаҳди хастанопазири пайвастаи Сарвари давлат барои тадриҷан ба давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона табдил ёфтани Тоҷикистон замина фароҳам овард. Ин ҳама кӯшишу ғайрат, азму талош барои бунёди Тоҷикистони ободу сарсабз ва рӯзгори ободу осудаи мардум ба халқи Тоҷикистон ҳамвора рӯҳу илҳоми тоза мебахшад ва барои пешрафти минбаъдаи иктисоди миллӣ ва дар маҷмӯъ, барои баланд бардоштани сатҳи рӯзгору некуаҳволии мардуми мамлакат ҳамаҷониба мусоидат мекунад.

Воқеан, азхудгузаштанхо, сарсупурдагӣ, ҷоннисориҳо ва фидокориҳои ин абармарди арсаи сиёсат барои Ватану миллат, сулху субот, зиндагии осоишта ва беҳбудӣ ёфтани рӯзгори мардуми тоҷик дар таърих хамто надорад ва барои роҳбарони дигар давлатҳо намунаи сиёсат ва ибрат мебошад.

Бо ифтихор ва сарфарозӣ бояд гуфт, ки ҳанӯз аз рӯзи нахустини Роҳбари давлат интихоб гардидан Ҷаноби Олӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, аллакай Пешвои миллати тоҷик буданд ва мардуми Тоҷикистон ба он кас эътимод ва боварӣ доштанд. Рисолати таърихии ин шахсияти бузурги олами сиёсат аввалан хости Худост ва баъдан миллати тоҷик ӯро дар раванди кору пайкор ва хизматҳои шоёну беназир дар марҳалаи сарнавиштсози таърихи миллат ва давлати тоҷикон ба ин мақоми олӣ интихоб намудааст. Дар ин замина, аз нав интихоб гардидан ба ин маснади олӣ низ шаҳодати ин гуфтаҳо буда, дигар шахсон ба истисноӣ Пешвои муаззами миллат, наметавонанд, кисмати худро ба мардум кисмат ва умри худро сарфи хидмат ба миллат намоянд.

Кору амалҳое, ки дар ду даҳсолаи охир барои давлатдории миллатсозӣ эҷод шудаанд, баробар ба садсолаҳо мебошанд. Ҳамин аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дар дилу дидаи мардум ҳамчун Пешвои миллат эътироф гардида, маҳбубият пайдо намуданд. Бинобар ин, ба унвони Пешвои миллат ном бурдан ва ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифтан, барои Пешвои муаззами миллати тоҷик ҳақиқатан арзанда ва шоиста аст.

**Лутфулло КАБУТОВ**
**донишҷӯи соли 1**



Дар ҳар давру замон барои рушду пешрафти ҳар миллат фарзандони баруманду фарзонааш нақши мондагоре аз хеш боқӣ мегузоранд. Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти барҷаста вақте ба майдони сиёсат ворид шуд, ки миллати тоҷик парешон ва кишвар дар вартаи ҳалокат қарор дошт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ҳамчун як шахсияти барҷастаи таърихии миллат дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, баркарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ сахми беназир гузошт. Ҳамчунин ӯ дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуд ва дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намуд.

Ин буд, ки меҳнаткашон, модарону ҳоҳарони мушфиқ, пирони рӯзгордидаву ҷавонони нававвару ғайратманд, ҷашми ростбин, гӯши ҳақшунав, ақли бедору хиради дурбин, забони ҳақгӯву табъи нуктасанҷ ва ҳазорҳо бозуи қавӣ дар зери сиёсати оқилонааш гирд омада, дар ободиву пешравии Тоҷикистон муттаҳид гардиданд. Фаъолияти пурмуҳтавову пурмаҳсули давлативу ҷамъиятии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ойинаест, ки дар он мавкеи миллати тоҷикро бо ҳама шаҳомат ва шуҳраташ сарфаҳм рафта, ба ин восита қадаме ба сӯи хештаншиносӣ ва худогоҳӣ ниҳода, бо диди ибрат дурнамои кишварро муайян карда метавонем. Андешаҳои созандаи Пешвои миллат омили пешбаранда ва такмилдиҳандаи давлати миллии тоҷикон буда, аз марҳилаҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар то имрӯз ба ҷавонон ба сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд ва бо ин муҳаббат, ғамхориву самимияти падарона меҳри кишри созандаи ҷомеаро ба Ватан ва эҳтиромашонро ба арзишҳову муқаддасоти миллӣ афзун мегардонанд.

**Нодира ҚОСИМОВА**
**донишҷӯи соли 2**

Барои чӣ маҳз 16-уми ноябр рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид? Ба ин савол чунин ҷавоб додан мумкин аст, ки рӯзи 16 ноябр рӯзи одӣ нест, рӯзи тақдирсоз ва таърихист барои халқи тоҷик. Маҳз дар ҳамин руз Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид ва ба Президенти кишвар, яъне Эмомалӣ Раҳмон ваколати Сарвари давлат дода шуд. Ҳамзамон, дар ин рӯз Президенти кишварамон савганд ёд карда, ҳамаи мардумро бо сиёсати хирадмандонаи хеш ба ояндаи дурахшон бовар кунониданд.



Воқеан ҳам, бо ҳама ин чидду ҷаҳд Пешвои миллат тавонистанд, халқи тоҷикро аз давраи душвор бурун оварда, ба онҳо ҳаёти неку осоиштаро фароҳам оварданд.

Чуноне ки дар қ. 2 м. 64 Конститутсия оварда шудааст "Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад". Аз ин бармеояд, ки пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таъмини сулҳу субот дар ҷомеа аз ӯ вобастагӣ дорад.

Мо ҷавонон ба сарвари давлати хеш ва халқи хеш бовар дошта, оянда барои пешрафти кишварамон саҳми худро хоҳем гузошт. Ва дар охир ҳамаи устодон, донишҷӯён ва умуман халқи Тоҷикистонро бо рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, ба онҳо фазои осоишу меҳру муҳаббат, файзу баракат ва сулҳу суботро хоҳонам.

**Раҳимҷон МИРҚОСИМОВ**
**донишҷӯи соли 2**



Дар таърихи давлатдории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шахсиятҳои таърихиву барҷаста ва номбардоре вомехӯранд, ки онҳо дар марҳилаву вазъиятҳои барои кишварашон муракkабу ҳассос ба арсаи сиёсат омада, суботу осоиштагӣ ва роҳи рушди минбаъдаи мамлакати худро муайян намуда, дар болоравии обрӯву мақоми давлаташон нақши абадӣ гузоштаанд. Чунин шахсиятҳои барҷаста Ҷорҷ Вашингтон Президенти Америко, ки то имрӯз мардуми Америко ба эҳтироми ӯ зодрӯзашро ҳамчун рӯзи Президент ҷашн мегиранд ё худ сарвари мамлакати Хитой Мао Сзе Дун, дар Туркия Мустафо Камол дар пешрафти кишварҳои худ саҳми арзишманд доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон марди олим, оқилу фозил ва хирадмандест, ки давлатро аз фаноёбӣ наҷот дода, мардумо дар атрофаш муттаҳид ва ба қалби мардумаш шуълаи умедро бедор ва бо қадамҳои қатъӣ ба сулҳу осоиш, рушду суботи минбаъда ҳидоят намуд.

**Максуда МУЗАФФАРЗОДА**
**студенка 2-го курса**

В истории государственности различных стран мира существуют исторические и выдающиеся личности, которые вышли на политическую арену в сложные и чувствительные для своей страны этапы, сыграя важную роль, определили стабильность и мир, путь дальнейшего развития своей страны.

Именно благодаря постоянной и последовательной заботе Эмомали Рахмона в годы независимости было построено и подарено молодежи большое количество высших и средних учебных заведений, библиотек, музеев, спортивных и развлекательных центров. Во всех своих выступлениях Президент Республики Таджикистан постоянно подчеркивает, что молодежь - это большая творческая сила и будущее нации и государства, и для нее должны быть созданы все условия. В ответ на все эти заботы мы должны действовать в соответствии с указаниями Президента и работать честно, творчески, с отличным образованием, образцовой дисциплиной к достижениям государственной независимости, мира и единства, развития всех сфер экономической, социальной и культурной жизни, вносить свой вклад в защиту нашей дорогой Родины.



Сегодня высшая оценка великого сына нашего народа - заслужить доверие народа, занять место в его сердце, которое, к счастью, полностью отдано нашему любимому Лидеру. Учитывая его заслуги в возрождении таджикского государства, его большой вклад в установлении мира, единства таджикского народа Эмомали Рахмон удостоен звания Основателя мира и национального единства – Лидера нации. Для нас жизнь и заслуги Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона - это высший пример патриотизма, лучший пример служения Родине и обществу, верности слову и делу.

Заслуги и вклад Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в построение нового независимого государства войдут в историю золотыми буквами и останутся в памяти нашего народа на всю жизнь.

Сердечно поздравляю весь народ нашей страны с Днем Президента и желаю каждому из нас и вашим семьям атмосферы мира, любви, вечного мира и благополучия на райской земле Таджикистана!

**Фаридуни САФАРАЛӢ**
**донишҷӯи соли 1**

Тоҷикистони азизи мо яке аз давлатҳое мебошад, ки таърихаш асрҳои зиёдеро дар бар гирифтааст, аммо дар тамоми солҳои мавҷудияташ ба далерии чунин Пешво, чун Эмомалӣ Раҳмон надоштааст. Ин марди хирадманд, тавоно, далер ва поквиҷдонро тоҷикмодаре бизоду, дар рӯҳияи ватанпарварӣ ҳидоят намуда, дар роҳи ҷоннисорӣ ба Ватан раҳсипор кард. Қобили қайд аст, ки яке аз дастовардҳои бузурге, ки мо тоҷикон бо сарвари Пешвои миллат ба даст овардем, ин Истиқлолияти давлатӣ ва Конститутсия мебошад, ин дастовардҳо ва ин Пешво мо тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуданд. Мо тоҷикон аз он мефахрем, ки чунин Пешво дорем ва чунин давлате, ки дар баробари давлатҳои пешрафта рӯз аз рӯз тараққӣ ёфта истодааст ва шаҳрвандони он соҳибҳуқуқ мебошанд.

Мо ҷавонон ифтихор аз он дорем, ки чунин Пешво дорем ва ба ваъдаи комил медиҳем, ки пайравони шоистаи Пешвои миллат мебошем.

Таҳияи
**Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА**

**14 МАЙИ СОЛИ 1995 ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ БЕЛОРУС ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**

# ЭМОМАЛИ РАХМОН И МИРОВОЕ СООБЩЕСТВО

На международной арене Президент Таджикистана признан мировым сообществом как миролюбивый человек, собиратель наций и народов, провидец развития и процветания Родины и создания благоприятных условий для жизни людей. На мой взгляд, подтверждать это утверждение нет необходимости, потому что, как говорят в народе, «очевидное не нуждается в объяснении». Поскольку мир познакомился с таджикским народом и этой райской страной через выступления и предложения Президента Республики Таджикистан в Организации Объединенных Наций.

**Независимый Таджикистан под флагом единства и сплоченности, благоустройства и созидания в свете мудрой политики Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона и глобальных инициатив этого исторического деятеля сумел занять достойное место на международной арене.**

Роль Эмомали Рахмона очень важна в освещении ключевых целей и методов внешней политики и национальной дипломатии Таджикистана. Выступая в ООН впервые 29 сентября 1993 года, Глава Таджикистана, уважаемый Эмомали Рахмон представил мировому сообществу конструктивные планы и мирные цели, достижение национального единства, а также укрепление сотрудничества со всеми дружественными и миролюбивыми странами мира. Благодаря усилиям Лидера нации Республика Таджикистан в этот период была признана полноправным членом мирового сообщества и, укрепляя свой имидж, расширила экономическое сотрудничество, в настоящее время имеет хорошие взаимовыгодные отношения с большинством государств мира.



**Илёс ДАВРОНОВ**
**магистрант 1-го курса**

Эксперты и специалисты высоко оценивают инициативу таджикской стороны в сфере воды, которая была поддержана Организацией Объединенных Наций и направили деятельность мирового сообщества на практическое решение этого вопроса.

**Инициативы Президента Республики Таджикистан в XXI веке создали новую стратегическую цель для человечества во имя обеспечения достойной жизни людей.**

До сегодняшнего дня мировым сообществом поддержаны 4 инициативы таджикской стороны, в том числе: 2003 год – Международный год чистой воды, 2005-2015 годы – Международное десятилетие действий «Вода для жизни», 2013 год – Международный год сотрудничества в сфере воды и Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы». Эти начинания мудрого и дальновидного Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона имеют колоссальное значение для решения глобальных проблем планеты, в том числе в сфере воды и адаптации к изменениям климата. Следует отметить, что после объявления по инициативе Таджикистана 2013 года Годом сотрудничества в сфере воды понятие «дипломатия воды» перешло в практическую плоскость.

«По запасам водных ресурсов, в особенности пресной воды, наша страна занимает одно из первых мест в мире. Кроме того, более 60% воды в Центральной Азии формируется в Таджикистане. В настоящее время на территории нашей страны насчитывается более двенадцати тысяч ледников. По моим собственным наблюдениям и имеющимся анализам, сегодня в мире имеет место проблема воды, в особенности доступа к пресной воде, и в будущем она станет весьма серьезной для мирового сообщества. В реализации наших инициатив мы не преследуем ни политических, ни иных целей. Мы лишь хотим, чтобы мировое сообщество, с учетом того, что данная глобальная проблема в действительности имеет место, заняло в отношении ее конструктивную позицию. Существуют страны, у которых имеются тяжелейшие проблемы с водой. Им должна быть предложена помощь, их нужно поддерживать с тем, чтобы избавить население от этих проблем». - подчеркивал Лидер нации Эмомали Рахмон на интервью с корреспондента телеканала «Аль-Джазира» Государства Катар.

Исходя из вышесказанных слов с гордостью можно сказать, что заслуги и вклад Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в решение важных глобальных проблем войдут в историю золотыми буквами и останутся в памяти народов Планеты на всю жизнь.

# ТАЪЗИЯНОМА



Таърихи 23-юми ноябри соли 2020 барои устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рӯзи андӯҳу ғам ба ҳисоб меравад. Зеро, дар ин рӯз, қалби яке аз олимони варзидаи кишвар, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Бозоров Раҷаб Бойназарович аз тапидан боз монд.

Бозоров Раҷаб Бойназарович 15-уми феврали соли 1961 дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Соли 1984 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1989 хатм намудааст. Профессор Бозоров Р.Б. соли 1997 рисолаи номзадӣ ва соли 2018 рисолаи доктории худро сарбаландона ҳимоя намудааст. Соли 2002 фаъолияти худро ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оғоз намуда, то вопасин лаҳзаҳои ҳаёт дар ин боргоҳи илму маърифат кору фаъолият кардааст. Мавсуф муаллифи беш аз 68 корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимию методӣ мебошад.

Садорат, устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ аз марги нобаҳангоми доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бозоров Р.Б. сахт андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони эшон сабри ҷамил хоҳонанд.



Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ дотсент Қурбонов Қурбон Бобоевич бинобар вафоти

**МОДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба асссистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Исозода Парвиз бинобар вафоти

**БОБОЯШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

# РАМЗИ МУҚАДДАСИ МИЛЛАТ



**Муқаддам ҲОМИДОВА**
**донишҷӯи соли 1**

Парчам рамзи ҳастии давлат, ватандорӣ, истиқлолият, сарбаландии миллат, худшиносиву худогоҳӣ, омили муҳими ифтихор аз давлатдориву мустақилият мебошад. Парчам ҳувияти миллии халқи куҳанбунёд ва тамаддунпарвари тоҷик аст. Парчам таҷассумгари асосҳои таърихӣ, ифодакунандаи орзуву ормонҳои тамоми мардуми тоҷик, ғурури миллӣ ва ору номуси ватандории мост. Мардуми сарбаланди тоҷик аз дурахши рангу чилои ин нишони садоқат ифтихор мекунанд. Қабули Парчами давлатӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми тоҷик рӯҳу тавони тоза бахшид, эҳсоси миллиро такон дод, ҷомеаро муттаҳид сохт ва мардумро неру бахшид, ки тахти парафшонии Парчами давлати соҳибистиқлоли худ дар муқобили ҳама гуна таҳдидҳо истодагарӣ карда, мероси ғании ниёгонро ҳифз кунанд ва сохтори конститутсиониро барқарор намоянд.

Парчами давлатӣ ба мо имкон дод, ки ба мазмуну моҳияти ҳаёти давлати худ бо диди нав назар андозем, ба таърихи гузаштаамон бо чашми ибрат нигоҳ кунем ва ба сӯи ояндаи дурахшони давлату миллат бо эътимоди қавӣ қадамҳои устувор гузорем. Дар Парчами давлатӣ шараф ва нангу номус ва ҷавонмардиҳои миллати покизасиришти мо ҷилвагар аст. Мо ҷавонони даврони истиқлолият бояд ба масъалаи ҳифзи суботу амнияти Ватани азизамон диққати боз ҳам бештар дода, ҳамчун пайравони асили Пешвои миллат зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва дар зери парафшонии Парчами давлатӣ ҳамеша муттаҳиду сарҷамъ бошем. Ба тамоми сокинони Тоҷикистон Рӯзи Парчами давлатиро самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як фарди Ватан бахту иқбол ва ба давлати соҳибистиқлолу озодамон амну осоиш ва рушди устувор орзу менамоям. Ҳамеша парафшон бош, Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол!

**22 ИЮЛИ СОЛИ 1947 ПАРЧАМИ ҲИНДУСТОН ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**

# ПАРЧАМ – РАМЗИ ПОЙБАРҶОИИ МИЛЛАТИ

**Шарифҷон УМАРОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Дар Парчам нишонаҳои муҳимму арзишманди фарҳанги ҳар як халқу миллат, роҳи таърихии тайкардаи он ва дигар аломатҳои ифодакунандаи давлату миллат инъикос меёбанд. Дар он тасвири рангҳои сурх, сафед ва сабз, талошу мубориза ва саъю кӯшиши халқу миллати тоҷикро бахри озодиву истиқлол, худшиносиву меҳанпарастӣ ва ихтиёр намудани зиндагии орому осоишта, арзандаю поянда, осудаву устувор ифода менамояд. Парчами давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун рамзи бахту саодат, сарсабзию хуррамӣ ва сарбаландии миллату давлати тоҷикон мебошад, ҳамчунин мақсаду ҳадафҳои созандаи ин миллати тамаддунофарро дар баландтарин минбару қасрҳои минтақавию байналхалқӣ ҷилвагар менамояд, ки ин боиси ифтихори мо мебошад.



Эҳтироми волои рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла, Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ буда, дар ҳама ҳолат ба рамзҳои давлатӣ чунин муносибатро ба роҳ мондан зарур аст, ки нисбати онҳо беҳурматӣ зоҳир нагардад. Бояд ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон муҳаббати парчамеро, ки инъикосгари ояндаи дурахшони мо мебошад, дар дили худ парварад, онро дӯст дорад ва нисбаташ беэҳтиромӣ накунад.

**Файзалӣ АЗИЗЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Дар даврони аввали соҳибистиқлолии кишвар оғоз аз рамзҳои давлатдорӣ, то санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро танзим мекунанд, қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рамзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқадасоти миллӣ ба шумор меравад. Маҳз бузургии парчами давлатист, ки имрӯз муаррифкунандаи миллати тоҷик дар микёси ҷаҳон мебошад. Зеро дар ҳар давру замон мардумони худогоҳу худшинос ва соҳибдавлатони оқилу донишманд роҳи шукӯҳу азамати худро дар асоси арзишҳое муайян намуданд, ки ин арзишҳо сарнавишти соҳибон ва офарандагони он нақши бузурге доштааст.



**Ҷасмина АЛИЕВА**
**донишҷӯи соли 2**

Дар қатори бузургтарин муқаддасоти миллӣ парчами миллӣ ҷойгоҳи хосса дорад. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки дар тӯли таърихи башар ҳанӯз аз замонҳои қадим ҳар гурӯҳу қавме, ки даъвои миллатро доштанд, парчам ё нишонаи махсуси ифодагари рамзу маънихои худро доро буданд.



Дар парчами аксари халқҳо ва миллатҳои гузашта бештар аксҳои ҳайвонот ё ягон бахше аз табиатро таҷассум мекарданд. Ҳамин тавр, аксҳои шер, гург, паланг, уқоб, гандум маъмултарин аксҳо ба ҳисоб мераванд. Баъзе парчамҳоро вобаста ба хусусиятҳои ҳамон халқ меоростанд. Дар гузашта мардуми тоҷик бештар акси хуршедро ба ҳайси нишони худ интихоб кардаанд, чунки яке аз нахустин динҳои гузаштагони мо меҳрпарастӣ буд ва акси хуршедро ҳамчун нишони эътиқоди хеш ба намоиш гузоштаанд. Азбаски дар давраи Сосониён шер рамзи кишвар буд, шикори шерро конун манъ мекард. Шер намоди диловарӣ ва қудрат шинохта мешуд. Яъне аксе, ки дар парчам тасвир мешуд, ҳатман бояд маъно ва мантиқ медошт.

Имрӯз ин парчаме, ки халқи тоҷик дар зери он муттаҳид гаштааст, ранги сафеди он нишонаи сулҳу дӯстӣ ва муҳаббат, ранги сурх – рамзи ҷонфишониву шаҳодат барои бақои кишвар ва ранги сабз бошад, нишонаи сарсабзиву ободӣ аст.

**Манижаи АМРУЛЛО**
**донишҷӯи соли 1**



Парчам ин рамзест, ки нишон аз соҳибдавлатӣ, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти ҳар як давлат шаҳодат медиҳад. Қайд кардан бамаврид аст, ки миллати сарбаланди тоҷик дар тӯли таърих ҳамеша давлату миллати худро бо ин рамзи муқаддас миёни оламиён муаррифӣ кардааст.

Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 3-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи рамзҳои муқаддаси миллӣ шомил аст, ки дар тасвири он се ранг нақш бастаанд, ки ҳар яки он маънои хосеро соҳибанд. Ранги сурх – мубориза ва ҷоннисориҳои халқ баҳри ҳимояи ватан, ранги сафед – рамзи покӣ, иқболи сафед ва боигарии асосии мамлакат – пахта аст. Ранги сабз бошад, ин нишон аз сарсабзии давлат аст. Тоҷ ва ҳафт ситора нишон аз соҳибдавлатӣ ва соҳибихтиёрист.

Парчами давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун рамзи бахту саодат ҳамеша парафшон бош!

**Амирҷон ИНОМОВ**
**студент 1-го курса**

По предложению Основателя мира и национального единства – Лидера нации, достопочтенного президента нации Эмомали Рахмона 24 ноября объявлено Днем государственного флага. Цель открытия другого государственного фестиваля - почтить и уважать Государственный флаг как священный и символ государства. На основании этого предложения Лидера нации внесены поправки в закон о государственных праздниках, согласно которым День флага ежегодно отмечается 24 ноября. Торжества в честь Дня флага в Таджикистане начались несколько дней назад. Государственный флаг Таджикистана был принят Верховным Советом Республики Таджикистан 24 ноября 1992 года и состоит из красного, белого, зеленого и семи звездной короны. Таджикистан - вторая страна в регионе после Туркменистана, объявившая национальный праздник в честь своего национального флага.



В центре флага изображение короны и семи ахтаров, которое отсылает к историческим корням государственности независимого Таджикистана. День Государственного флага Республики Таджикистан впервые отмечался 24 ноября 2009 года. В этот день в Душанбе по инициативе правительства города с центральной площади столицы был поднят флаг длиной 1500 метров и шириной 7 метров. Флаг Республики Таджикистан был поднят в областях, районах и государственных учреждениях, а также проведено празднование Дня флага Таджикистана.

**Мавлуда МУХАММЕТШОЕВА**
**донишҷӯи соли 1**

Парчами давлатӣ таҷассумгари озодию истиқлолият, фарҳанги қадими тоҷикон, ватандӯстии мардуми халқи тоҷик мебошад. Фирдавсӣ дар "Шоҳнома"-и худ "Дирафши Ковиён"-ро ёд намудааст, ки аз даври қадим соҳибпарчам будани халқи тоҷик шаҳодат медиҳад. Он миллате, ки соҳибпарчам аст, миллати озоду соҳибистиқлол аст. Аз ин сабаб, мо бояд ифтихор аз он кунем, ки соҳиби чунин рамзи бебаҳо ҳастем.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ рангҳои парчамро "ифодагари роҳи таърихии халқи Тоҷикистон ва баёнгари арзишҳои фарҳанги миллӣ ва сиёсӣ" ҳисобид ва қайд намуд, ки "ранги сурх – рамзи муборизаву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед – нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз – нишони сарсабзиву шукуфоӣ ва сарбаландиву хуррамӣ мебошад".

**Хузайфа КАМОЛЗОДА**
**студент 2-го курса**

Государственный флаг Республики Таджикистан представляет собой прямоугольное полотнище, состоящее из трёх горизонтальных полос: верхней – красной, средней – белой и нижней – зелёной в соотношении между собой по ширине как 2:3:2. В центре флага изображена золотая стилизованная корона с полукругом из семи пятиконечных звёзд над ней. Корона и полукруг из звёзд вписываются в прямоугольник, длина которого равна ширине белой полосы, а высота которого равна 4/5 ширины белой полосы. Пятиконечные звезды вписываются в условные окружности диаметром 3/20 ширины белой полосы и расположены по дуге условной окружности радиусом 1/2 ширины белой полосы. Корона высотой 0,55 ширины белой полосы прогибается в основании по дуге радиусом 1,2 ширины белой полосы. Четыре дугообразных элемента, формирующие верх короны, венчаются в центре частью круга диаметром 0,2 ширины белой полосы.



Согласно Авесте, полноправное свободное население древнеиранского общества делилось на три сословия, каждое из которых ассоциировалось с определенным цветом:

- военная знать - красный цвет - символ воинской доблести и самопожертвования во имя высоких идеалов, поэтому считается самым почитаемым и благородным;
- духовенство - белый цвет - символизирует духовность, моральную чистоту и святость;
- свободные общинники (сословие скотоводов-земледельцев) - зеленый цвет - символизирует природу, молодость и процветание.

**Sulton NASARZODA**
**1st year student**

Flag is usually rectangular piece of fabric designed and colored in a characteristic way and used for signaling, decoration or as a symbol. Flag developed from field signs and standards that were used in battles to differentiate between friend and a foe or a combatant and a civilian. Some of this early flags or field signs are the Achaemenid battle standard Derafshi Kavian, the standards of the Roman legions in the shape of the eagle or the dragon standard of the Sarmatians that was a kite that was let to fly freely in the wind. During Middle Ages flags were used instead of heraldic device painted on the shields and allowed for an easier identifying of knights in the battle. At the same time city states and communes started also using flags as field signs. Military units began using flags as a method of recognition in early modern period. During 19th, every sovereign country had its own national flag. Today's flags have many different uses, from symbols of the nations and cities flown in peace and in war to being methods of communication and adverti sing.



**15 МАРТИ СОЛИ 1973 ПАРЧАМИ АРАБИСТОНИ САУДӢ ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**

# КУҲАНБУНЁД

**Бежан НАЗИРОВ**
**донишҷӯи соли 1**



Ин рамзи давлатӣ шаҳрвандонро ба зиндагии ором, сулҳу осоишта ва талош ба хотири ҳаёти арзанда, рушду нумӯи ҳаматарафа ва соҳибихтиёрию саодатмандиву соҳибдавлатӣ сафарбар менамояд. Мардуми тоҷик баҳри расидан ба соҳибихтиёрӣ ва таъсиси давлати ягонаи худ дар тӯли асрҳои зиёд муборизаҳои ҷоннисорона карда, соҳиби Парчами миллии худ, муқаддасоти давлатӣ ва асъори миллӣ гаштаанд, ҳар боре, ки парчами парпарафшони худро мебинем, гузаштаи пурмашаққати худ ба хотир меояд.

Ҳар фарди Тоҷикистонро мебояд, ки Парчами худ ва дигар муқаддасоти миллиро ҳифз намояд ва эҳтиромашро ба ҷо оварад.

**Валиҷон ШЕРЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**



Дар ҳақиқат, парчам рамзи соҳибистиқлолӣ ва муаррифгари ҳар як давлат дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки парчамдорӣ ҳамчун оини кӯҳани давлатдории миллии тоҷикон барои халқи тоҷик падидаи нав нест. Оини парчамдории халқи тоҷик таърихи беш аз чорҳазорсоларо дорад, ки ҳанӯз дар давлатдории бузургтарин ва аввалин империя дар ҷаҳон – Ҳахоманишиён сарчашма мегирад.

Таҷрибаи давлатдорӣ нишон медиҳад, ки давлат истиқлолияти комилро ба даст меорад, пеш аз ҳама, рамзҳои давлатдориашро интихоб мекунад. Дар ҷаҳони муосир ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути парчами худ муаррифӣ мегардад.

**Диловар ЯҚУБОВ**
**донишҷӯи соли 2**



Парчами миллии мо нишона аз таърихи чандинҳазорсолаи миллати бузурги тоҷик буда, ҳамчун рамзи ваҳдату ягонагӣ, ҳамдигарфаҳмиву иттиҳоди халқу миллатҳои сокини ҳар сарзамин баҳри озодӣ шинохта мешаванд.

Парчами озодагон бар муқобили зулму истибдод, парчаме ки шараф ва нангу ориёнро боло бардоштааст. Ин парчам ба мо на фақат шукуҳу сарбаландӣ мебахшад, балки эҳсоси ватандориро бедор ва поянда медорад, муҳаббати Ватанро дар вуҷудамон фурӯзон месозад, ба ягонагӣ дар канори худ мехонад. Дар ин парчам шараф, нангу номус ва ҷавонмардиҳои миллати покизасиришти мо ҷилвагар аст, ин парчам бо ҳузури зебо, бо зуҳури муборак ва вуҷуди бегазанди худ моро огоҳӣ медиҳад, ки барои дифои Ватанамон ҳамеша ҳар нафас бо ҳама вуҷуд омода бошем.

**Таҳияи**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**

# ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ

**Беҳруз ҲАСАНОВ**
**магистри соли 2**



Агар ба саҳифаҳои таърих назар андозем, ба ҳамаи мо маълум мегардад, ки халқи тоҷик бо доштани тамаддун ва фарҳанги волои давлатдорӣ дар саҳифаҳои таърих инъикоси худро ёфтааст. Мусаллам аст, ки бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар фазои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ҶТ давлати соҳибихтиёр ва мустақил эътироф гардида, дар харитаи сиёсии ҷаҳон ба расмият шинохта шуд.

Аз лаҳзаи аввали соҳибистиқлолии худ ин давлати ҷавон ба равандҳои номатлуб ва моҷароҳои сиёсӣ, бархӯрди ғайрисолими сиёсӣ, ки пушти никобҳои ҳизбу ҳаракатҳои динӣ пинҳон гардида, зери хоҷагони хориҷии худ барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ муборизаҳои худро оғоз намуданд, ки ин вазъ ба давлати тозаистиқлоламон шароити сангини сиёсӣ ва иқтисодиро ба бор овард. Оғоз гардидани ҳамаи ин кашмакашиҳо оқибат ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ анҷомид. Дар натиҷа садҳо ҳазорон нафар ҳамватанони мо аз манзилҳои истиқоматиашон маҳрум гашта, қурбони ин фоҷиаи миллӣ гардидан ва барои мардуми шарифи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи сиёҳеро боқӣ гузошт. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, халқи тоҷик ба умеде, ки Офаридгор барои аз ноумедӣ ва зулмот дар амн гузоштан, рӯзе хуршеде тулӯъ мекунад, ки воқеан барои халқи тоҷик дар тӯли асрҳо барои бунёдгузории давлатдории тоҷикон заминаи устувор мегузорад. Гардишҳои бузурги таърих моро ба рӯзҳое расонд, ки дар он солҳои мудҳиш ҳатто орзу карданаш ғайриимкон буд. Ин субот, оромӣ, амният, осудаҳолӣ, хотирҷамъист.

Бинобар ин, вазифаи ҳар як шаҳрванд ва қарзи фарзандии ҳар як сокини кишвар, бахусус наврасону ҷавонон аз он иборат аст, ки Тоҷикистони биҳиштосоро сидқан дӯст дошта, онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

**Қубод ЮСУФЗОДА**
**донишҷӯи соли 4**



Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дар саҳифаҳои таърихи навини тоҷик ҳамчун рамзи иҷлосияи наҷотбахшу сарнавиштсоз ворид гардидааст.

Бояд қайд кард, ки он аз лиҳози моҳияти худ ба эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон баробарарзиш аст. Агар эъломия давлатеро бо номи Тоҷикистони соҳибистиқлол эълон дошта бошад, пас Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд ҳамин давлатро аз фаношавӣ нигоҳ дошт ва миллати тоҷикро аз гирдоби нобудӣ берун кашид.

Бояд тазаккур дод, ки Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарзанди баруманди халқи тоҷик – Эмомалӣ Раҳмон ваколати роҳбарӣ ба ҷомеаи тоҷиконро дод, ҳамзамон ба дӯши ӯ вазифаи мураккаб, вале муқаддаси бунёди давлати воқеан соҳибистиқлол ва демократӣ вогузошт.

Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сармеъморе баргузида шуд, ки мебоист на фақат имораи аз ҷанг вайроншудаи давлати тоҷиконро тармим кунад, балки сохтмони онро бар пояҳои устувору қавии сифатан нав барпо намояд.

Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ барои барқарорсозии сохти конститутсионии кишвар ва эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон оғози устувор бахшид ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард.

Иҷлосия бо мақсади хотима додан ба ҷанги дохилӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти мӯътадил ва таҳкими мақомоти давлатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар дошта, принсипҳои инсондӯстӣ қарор кард, ки шахсоне аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар муқовиматҳои мусаллаҳона ширкат доштанд, ҷиноят ё дигар амалҳои ғайриқонунӣ содир карда буданд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида намешаванд. Чунин сиёсат бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти сиёсиву иҷтимоии кишвар буд, ки он барои ҳар чӣ зудтар ба сулҳи комил ноил гардидани кишвари маҳбубамон мусоидат намуд.

Дар Иҷлосия ҳукумате таъсис ёфт, ки таҳти сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ тавонист оташи ҷанги дохилиро хомӯш намояд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқу барқарор сохта, артиши Миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дода, аксарияти гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонанд. Хушбахтона, давлат ва миллати мо дар ҳассостарин лаҳзаи таърихӣ роҳбари худро пайдо намуд.

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон воқеаи бузургест, ки дар таърихи навини мо ҳамто надорад ва мо маҳз ба шарофати он ба ҳаёти осоиштаву созандагӣ расидем.

**Бояд тазаккур дод, ки Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иқдомҳои муҳими давлатиро ба анҷом расонид:**

**1. Роҳбарияти нави сиёсии мамлакатро таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раиси Шӯрои Олӣ ва сарвари давлат интихоб намуд;**

**2. Сохтори конститутсионӣ, ҳокимияти иҷроия ва судиро дар мамлакат барқарор кард;**

**3. Хатари пош хӯрдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пароканда шудани миллатро пешгирӣ намуд.**

**4. Мавқеи сиёсии байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, барои ҳамкории муфид бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ роҳ кушод.**

**Аҷамшер ҶАҲОНГИРПУР**
**донишҷӯи соли 2**



Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон ноороми дохилӣ ба вуқӯъ пайваст. Мардум аз хонаву дар маҳрум гашта, тарки Ватан мекарданд. Тоҷикистон солҳои ҷанги шаҳрвандӣ лаҳзаҳои сангинтарину мудҳиштаринро аз сар мегузаронид. Сохторҳои ҳукумати қаблан тавоно заиф ва ҳокимият фалаҷ шуда, вазъи носолим ва фазои ноумедӣ ҳукмрон гардид. Маҳз дар чунин шароит Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 баргузор гардид, ки барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули истиқлолияти миллӣ, таъйин намудани самти ҷараёни инкишофи ҷомеа ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ гузошт.

Ҳама пешрафту нумӯи давлати кунунии тоҷикон аз файзу баракати Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ сарчашма мегирад. Зеро маҳз ҳамин Иҷлосия чун субҳи босафо бар шоми миллат ғоиб омада, ба хушбахтии мардуми заминаи мусоид фароҳам овард. Вазифаҳои ҳар фарди ҷомеа, хусусан мо ҷавонон аз он иборат аст, ки баҳри оромии кулл ва ҳифзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони саҳми худро гузорем.

**Саидакбар ҚОДИРОВ**
**донишҷӯи соли 4**



Дар замони муосир дар дилхоҳ давлат дар таърихи тӯлонии халқу миллатҳои гуногун санаҳо ва рӯйдодҳои муҳимме ҷой доранд, ки баҳри пешрафту инкишофи минбаъдаи онҳо як тақони хеле бузург расонидааст. Баргузор гардидани Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ барои тамоми миллати тоҷик ва тоҷикистониён як рӯйдоди воқеан муҳимми тақдирсоз ба шумор меравад.

Дар ҳар давру замон барои инкишоф, пешрафт ва рушду нумӯи ҳар миллат фарзандони ватандӯст, меҳанпараст ва баруманду фарзонааш нақши бузургу мондагоре боқӣ мегузоранд. Ҳамин тавр, дар кишвари азизи мо – Тоҷикистон шахсияти бузурге сари кор омад, ки номаш Эмомалӣ Раҳмон буд. Вақте ки Пешвои миллат ба майдони сиёсат ворид гашт, миллати тоҷик парешон ва кишвари азизамон дар вартаи нобудӣ қарор дошт.

Маҳз таҷрибаи таърихи бисту ҳашт соли баъди иҷлосияи тақдирсоз исбот сохт, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дорои қувваи солим ва тавоноест, ки пеши роҳи ҳама гуна моҷароҷӯиро гирифта метавонад ва обрӯву эътибор ва нуфузи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ ҳифз менамояд.

Имрӯз боиси хушнудӣ аст, ки кишвари моро бо дастгириҳои Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун як давлати ғамхор ва ташаббускори сатҳи ҷаҳонӣ мешиносанд, ки ин як пешравии беназир барои тамоми мардуми тоҷик мебошад. Аз ин лиҳоз, мо ҷавононро зарур аст, ки ҳамеша ба қадри ин оромию осудагии кишвари азизи хеш бирасем, баҳри ободу гулгулшукуфо гаштанаш кӯшиш ба харҷ диҳем ва шукронаи оромии давлати худ кунем.

**Шодмонҷон НУРУЛЛОЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**



Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ дорои аҳамияти ҳуқуқию таърихӣ мебошад. Вай барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар кишвар ба раванди бунёдкорӣ оғоз бахшида, симои сиёсии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд.

Имрӯз аз гузаштани Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ 28 сол сипарӣ мешавад, вале ҳеҷ вақт Иҷлосия мавқеи таърихии худашро аз даст надодааст, чунки маҳз тавассути ана ҳамин Иҷлосияи таърихии сарнавиштсоз миллати тоҷик тавассути фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон аз вартаи ҷанги хонумонсӯз раҳо ёфт. Тавассути ана ҳамин Иҷлосия Тоҷикистон ба як давлати демократии ҳуқуқбунёд табдил ёфт. Пешрафти миллати тоҷик имрӯз аз Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ сарчашма мегирад ва бояд мо миллати тоҷик ин иҷлосияро пос дорем.

**Таҳияи**
**Ч. САЪДИЗОДА**

**13 АВГУСТИ СОЛИ 1999 ПАРЧАМИ ҶОПОН ҚАБУЛ ГАРДИДААСТ.**



# ПАРЧАМ – МУАРРИФКУНАНДАИ ДАВЛАТ

**Дар замони муосир тамоми кишварҳои ҷаҳон дорои рамзҳои давлатии худ мебошанд. Рамзҳои давлатӣ, ки як мамлакат ва ё як миллатро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ муррифӣ менамоянд, мавқеи онҳо дар Конститутсия ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мешавад. Кишвари соҳибистиқлоли моро имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол мешиносанд, ки бевосита дар Конститутсияи худ рамзҳои давлатдории хешро дарҷ намудааст, ки онҳоро дар якҷоягӣ муқаддасоти миллӣ ном мебарем. Дар замони имрӯза ҳар он чи ки пок, наҷиб ва бе нуқс бошад, муқаддас шуморида мешавад, ки Парчам яке аз онҳост. Рамзҳои кишвари азизи мо муқаддасоте ба шумор меравад, ки мардуми шарифи Тоҷикистонро, аз ҷумла мо ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва шарафмандии давлатдорӣ тарбия мекунад.**

Имрӯз мо Парчами давлатии худро ҳамчун рамзи муаррифкунандаи миллат дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунем, ки ин далолат аз дӯстию рафоқат ва сулҳу амонӣ дар кишварамон мекунад. Қабули Парчами давлатӣ барои мо халқи тоҷик ба осонӣ ба даст наомадааст. Он дар як марҳилаи бисёр ҳассоси таърихӣ, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қабул гардида, муборизаи некӣ бар бадӣ, равшанӣ бар зулмот, сафед бар сиёҳ, хайр ба шарро дар худ инъикос намуд. Маҳз бо сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллатамон дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ 24-уми ноябри соли 1992 Парчами давлатӣ қабул карда шуд.

Дар Парчам нишонаҳои арзишманди таърихи волои миллат, фарҳанг ва роҳи таърихии тайкардаи он ва дигар аломатҳои ифодакунандаи Истиқлолияти давлатӣ инъикос меёбад. Рангу аломатҳои Парчам нишон аз таъриху фарҳанги қадима доштани ҳалқи тоҷик далолат мекунад.

Воқеан, Парчам нишони соҳибихтиёрӣ ва соҳибдавлатии ҳар як миллат ба шумор меравад. Дар ин раванд, мо дар кишвари азизамон ҳар сол санаи 24 ноябрро ҳамчун рӯзи Парчами давлатӣ бо як шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн мегирем.



**Шаҳноза ҲУСЕЙНОВА**
**донишҷӯи соли 2**



**Эй парчами умед, эй сабз чун чаман,**
**Аз ранги сабзи туст сарсабзии Ватан.**

**Аз файзи сояат сарсабзтар шавем,**
**Чун боғҳои мулк пур аз самар шавем.**

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қ | О | Н | У | Н | Ҷ | И | Н | П | Р | О | К | К |
| С | У | Д | Я | Г | Т | Я | О | Р | О | Р | У | О |
| Г | А | Р | З | У | К | О | Р | Ҷ | А | З | О | Н |
| У | Н | Б | А | З | П | Д | Д | М | У | Ф | А | С |
| М | О | Ҳ | Р | О | Р | Е | А | Ш | И | Т | Т | Т |
| М | О | У | И | Р | Е | М | В | П | А | Р | В | И |
| Д | Д | К | С | Т | З | О | Л | А | Д | Н | А | Т |
| А | М | У | Т | Я | И | К | А | Ҳ | И | Ф | З | У |
| Т | А | М | И | И | Д | Р | Т | А | В | Ф | Т | Т |
| О | Қ | А | Қ | Л | Е | А | М | И | Л | Л | А | С |
| М | О | Т | Л | О | Н | Т | Ш | А | Х | С | Т | И |
| Ҳ | У | Қ | У | Қ | Т | И | Я | В | Е | Т | О | Я |

Истиқлолият, Конститутсия, қонунгузор, ҳуқуқ, президент, судя, ҷиноятқор, гумонбар, прокурор, ҷазо, модда, ҳукумат, демократия, вето, мақомот, давлат, шахс, миллат, авф, муфаттиш, парванда, ҳифз, арз.

муаллиф Қосим СОЛЕҲОВ

# ДАЛЕЛҲОИ ҶОЛИБ ОИД БА ПАРЧАМ

1. Қадимтарин парчам дар ҷаҳон тақрибан панҷ ҳазор сол пеш дар ҳудуди Форс мураттаб гардидааст.
2. Парчами Парагвай ягона парчами дуҷониба дар ҷаҳон аст, ки тасвирҳои ҳарду тараф аз якдигар фарқ мекунанд.
3. Сайёраи Миррих парчами худро дорад.
4. Парчами сафед рамзи байналмилалии сулҳ аст.
5. Моҳтоб дар парчамҳои аксари кишварҳои мусулмонӣ ҳузур дорад.
6. Илме, ки парчамҳоро меомӯзад, вексилогия номида мешавад.
7. Бозиҳои олимпӣ ҳамеша бо парчамҳои Юнон оғоз мешаванд.
8. Парчами ИМА ҳар дафъае, ки ба он иёлоти нав ворид мешавад, иваз мегардад.